ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ



E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
www.anvor.tj №8 (344) 22-юми ноябри соли 2023, чоршанбе (оғози нашр: соли 1994)

## ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - ПЕШВОИ ТАЪРИХОФАРИ МИЛЛАТ



### СИМОИ ХАЛҚ

Бишуд чун ҳоли кишвар танг, бо рӯи кушод омад,
Барои родмардиро намудан марди род омад,
Зи хуршеди нигоҳаш абри навмедӣ бабод омад,
Зи сомон ҷустанаш сомони Сомонӣ ба ёд омад.

Ҷавон буду вале тадбири пирони ҷаҳонаш буд,
Ғами таъриху дарди рӯз андар мағзи ҷонаш буд,
Басо гирдоби қисмат хуфта дар ашки ниҳонаш буд
Ва рӯди обрӯи халқ дар азми аёнаш буд.

Ҷавонмардона барпо хест ӯву азми майдон кард,
Алайҳи нохудогоҳии халқи хеш исён кард,
Сипар худро барои ҷисму ҷони Тоҷикистон кард,
Гузашт аз тирборону Ватанро меҳрборон кард.

Зи халқ афшонда нохудогаҳиву бенишониро,
Тавоно кард расми ҳамдиливу ҳамзабониро,
Замон бахшид ин халқи заминиву замониро,
Накӯ бинмуд бар халқаш нигоҳи зиндагониро.

Чу шуд дар роҳи азми беназираш ҳамназар бо ӯ,
Зи нав гардид соҳиббол халқи муштипар бо ӯ,
Ба нангу номи худ афзуду шуд бисёртар бо ӯ,
Натанҳо халқу мулке, худ ҷаҳоне шуд дигар бо ӯ!

Зи худафрӯзиаш афрӯхт аз нав ахтари тоҷик,
Бишуд бо халқи худ болиданаш болу пари тоҷик,
Бурун овард аз некӯ садафҳо гавҳари тоҷик,
Зи нав бигзошт ӯ тоҷи каёнӣ бар сари тоҷик.

Дигар иқболи мардумро нигар, иқболи ӯро бин,
Ба ҳар сӯе биёрад рӯй, истиқболи ӯро бин,
Накӯ омоли ӯро бину некӯ фоли ӯро бин,
Яқин ворастагии мулк – Истиқлоли ӯро бин!

Дигар ӯ нест ӯ, симои халқи Тоҷикистон аст,
Ба дунё ҷилвагар дунёи халқи Тоҷикистон аст,
Аз ӯ минбарбаланд овои халқи Тоҷикистон аст,
Умеди рӯшанаш фардои халқи Тоҷикистон аст!

**Низом ҚОСИМ-Шоири халқии Тоҷикистон,
Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон**

«Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олӣ дар зарфи чанд рӯзи баргузории он, ки барои мардуми мо воқеан рӯзҳои сарнавиштсоз буданд, бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд ва баҳсу мухолифатҳои шадид қарор-ҳое қабул кард, ки ҷавобгӯи талабу хостаҳои мардум ва баёнгари иродаи матини фарзандони ватан-дӯсти халқи Тоҷикистон буданд.

Ба шарофати санадҳои қабулшуда ва амалӣ гардидани онҳо фоҷеаи умумимиллӣ, ки қариб буд орзуи ҳазорсолаи мардуми моро барои истиқлолу озодӣ ва эҳёи давлатдории миллӣ аз байн бурда, боиси аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷикон ва парокандашавии миллати тоҷик гардад, пешгирӣ карда шуд.

Имрӯз бо итминон изҳор менамоям, ки мо - вакилони мардумӣ - он рӯзҳо масъулияти таърихӣ, қарзи фарзандӣ, вазифаи ҷавонмардӣ ва рисолати имонии худро нисбат ба сарнавишти кишвари тозаистиқлоламон, халқи Тоҷикистон ва наслҳои имрӯзавуояндаи мардумамон иҷро кардем.

Бо гузашти сӣ сол аз қабули ин ҳуҷҷатҳо бо қаноатмандиву ифтихор метавонем гӯем, ки ин ягона роҳи оқилона ва дурусте буд, ки мо - вакилони халқ - онро ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ, тамомияти арзӣ, сарҷамъии миллат, ваҳдату ягонагӣ ва пешрафту тараққиётиояндаи Ватанамон интихоб намудем».

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ОМИЛ ВА КАФИЛИ САОДАТИ МАРДУМ

Оид ба корномаҳо, шуҷоату далерӣ ва дурандешии ин абармарди тоҷик чӣ ба забони модарии мо ва чӣ ба забони мардумони гуногун асару матлабҳои илмию оммавӣ ва тасвирию тавсифӣ, ёддошту адабномаҳо, ҳамчунин нигоштаҳои ситоишию қаноатмандӣ дар расонаҳои хабарии дохилию хориҷӣ ба нашр расидаанд. Қисмати зиёди ин матлабҳо кору пайкор ва фаъолияти серҷабҳаю серҷанбаи абармарди мардумиро аз мавқеъ ва нуқтаназарҳои нав ба нав фаро гирифтаанд. Мунтаҳо, гумони ғолиб он аст, ки ҳанӯз ҳам сарнавишту кору пайкорҳои шабонарӯзии ӯ пурра ва мукаммалан ба риштаи тасвиру тавсиф кашида нашудаанд. Воқеият ин аст, ки ифода ва тасвиру тасаввури аслию усулии симою чеҳраи шахсияте, ки миллати дар таркиби абардавлатбудаеву акнун соҳибистиқлолгаштаро, ки қаблан 5 империяро аз сар гузаронида буду ҳамагӣ се даҳсола пештар дар вартаи ҳалокат қарор дошт ва ин шахс на ин ки онро аз вартаи ҳалокату маҳвшавӣ наҷот дод, балки тавонист тамоми мардумро басиҷу муттаҳид намоян ва нерӯҳои ақлонию зеҳнии онро рӯ ба ҷониби халлоқияту созандагӣ нигаронад, кори саҳлу якдафъаинае нест ва солҳои мадид зарур аст, то ҳақшу мақоми воқеии ӯ дар саҳфаи таърих ва миллату наҷоди тамаддунофари тоҷику ориёӣ ба тариқи одилонаю мунсифона ва мукаммал тасвиру тасаввур карда шавад. Сухан дар бораи шахсе меравад, ки мардуми шумораштан камтеъдоди моро на танҳо аз вартаи ҳалокат раҳонид, балки дар барobари беш аз 200 давлати дунё дар Созмони Миллали Муттаҳид соҳибминбар ҳам намуд ва ҳатто мукарраран бо фикрҳои бикр, андешаҳои дурнамодор ба тамоми башарият аз номи мардуми тоҷик пешниҳоду тавсияҳои судманду хирадмандонае оид ба ҳалли аксаран масоили мубрами ҷаҳонию байналмилалӣ карда тавонист, ки бо аксари ороъ қобили қабул ва таҳсину ситоиши дигарон низ гашт.

Бале, нафаре, ки худ замоне ҷон дар кафи даст фироориёни ба ғурбатрафтаро сиҳату саломат ва бо замонату кафолат ба ватан интиқол дод, ба мардуми мусибатзада тавонист "Оромишу Осоиш" орад, мардумро руҳбаланду соҳибватан гардонид, сиёсати хирадмандонаи дарҳои бозро ҷиҳати ҳамкориҳои судманд бо ҳама давлатҳои низомҳои мухталифдошта ба роҳ монд, кишвари кӯҳистонию кӯҳистониёнро аз бунбасти иртиботию муҳобиротӣ ворҳонид ва ба ҳар тараф, чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷ роҳҳою пулҳоро чун шараёни хунгард дар организми ҷумҳурӣ пайванд доду ба ҳам овард, пояҳои давлату давлатдориро таҳкиму тақвият бахшид, тарҳи Сарқонунеро раҳбарӣ намуд, ки тавассути доираҳои зиёсалоҳ ва мутахассисини ҳуқуқдони байналмилалӣ чун яке аз беҳтарин конститутсияҳо дар ҷаҳони мутамаддин эътироф гашт, садои тоҷику Тоҷикистонро аз минбарҳои байналмилалии бонуфуз баландтар гардонид, мақоми зани тоҷикро ба дараҷе баланд бардошт, ки ин зан аз оғози ташаккули миллат то замони муосир чунин мақому мартабаи баланд надошт, ба ҷаҳону ҷаҳониён таҷрибаи сулҳофариниашро муаррифӣ намуд, ки сабақу дарси ибрат ва намунаи барҷастаи ҳаллу фасли мунозираю мунокишаҳои мусаллаҳона гашта монд ва ғайраю ҳоказо.

Раҳбари олии сиёсии Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон - Эмомалӣ Раҳмон, ки дар айни ҷавонӣ зимому умури идорию сиёсии кишварро бо ироДаи аксари намояндагони мардумӣ ба дасти худ гирифт, гӯиё шахсияти сарнавиштсозе буд, ки тавонист на танҳо шуълаҳои ҷанги хонумонсӯзро хомӯш созад, балки рӯз то рӯз истиқлолияти давлатиро таҳкиму тақвият бахшад ва то дараҷаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ва Пешвои миллат эътирофи умум низ гардад.

Амалия ва таҷрибаи давлатдорию давлатдорҳо нишон медиҳад, ки мавриди иззату икром ва эътибору эҳтироми хоса қарор додани чунин шахсиятҳои тақдирсозу таърихсоз амали савоб ва зарурати воқеӣ барои ҳар як шахси солимақл аст.

Ваҳдату истиқлол - неъматҳои беҳтаринанд ва маҳз онҳо метавонанд саодатмандии шаҳрвандонро таъмин кунанд ва танҳо шахсе чун Пешвои миллати мо, ки бо ҷонбозиҳои худ ваҳдату истиқлолиятро таъмин кардааст, метавонад чунин суханони дурандешона ва пурҳикмат гӯяд: «Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонда бошад, медонад, ки дарахт соле як маротиба ҳосил медиҳад. Аммо ниҳоле низ ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меорад. Мо меваи ширину сабзонидаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он бахравар гардид, мо ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки дигар теша ба решаи он расад!».

Ваҳдати миллӣ ва истиқлол ба сифати омили муттаҳидгари мардуми тоҷик заминаеро мусоид намуд, ки арзишҳои миллии мардуми мо ҷою мақоми хоса касб карданд, арзишҳои эътирофшудаи байналмилалӣ таҳдоби ташаккул ва таҳаввули ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ гашта монданд.

Таърихи башарият собит месозад, ки бо сабабу омилҳои воқеию ғайривоқеӣ қавму давлату миллатҳое низ маҳву нобуд гаштаанд ва миллати шарофатманду тамаддунсоз ва ҷузъи таркибии наҷоди ориёиро, ки 5 маротиба Империя дошт чунин хавфу хатар на як бор рӯ ба рӯ омадааст ва ҳар маротиб шахсияте пайдо шуда зуҳур мекард, ки онро аз вартаи ҳалокат наҷот мебахшид. Ин дафъа низ шахсияти ҷавоне дар ҷомеаи мо вобаста ба зарурати таърихӣ зуҳур кард, ки тавонист "Оромишу Осоиш" оварад, пояҳои давлатро таҳкиму тақвият бахшад, Истиқлолиятро ба соҳибихтиёрию мустақилияти воқеӣ мубаддал гардонад.

Бале, нафаре, ки оғози фаъолияти давлатдории худро ба ҳайси сардори он шурӯъ намуд, расман ва ба тариқи оммавӣ чунин изҳор дошта буд: «Ман кори худро аз сулҳ оғоз карда, ба мардуми азиятkашидаи кишварам сулҳу оромӣ меорам!» ва ин қавли худро дар натиҷаи заҳмату ҷонбозиҳои шабонарӯзӣ пурра ва мукаммалан дар амал татбиқ намуд. Бинобар моро зарур аст, ки атрофи муаззамтарин сарвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз ҳам муттаҳидтару басиҷтар гашта, нагузорем, ки сулҳу ваҳдат ва неъматҳои пурарзиши онро душманону хоинони дохилию хориҷӣ ба манфиати худ истифода кунанд!

Хулоса:

-Аз назари шахсии ман бузургтарин кор, ки Пешвои миллат анҷом доданд, ин психологияи даҳҳо ҳазор одамонеро, ки солҳои 1992-1997 ба тахрибкорӣ ва ҷангу ҷидол машғул буданд, тадриҷан ба руҳияи ободкорӣ тағйир доданд;

-Дар масоили бунёдкорию ободӣ корҳоеро тули се даҳсола анҷом доданд, ки давлати абарқудрати шӯравӣ тули 70 соли ҳокимият натавониста буд;

-Модел ва формулаи сулҳ бо мухолифинро офарид, ки намунаи самараноке барои тамоми ҷаҳон гашта монд;

-Асосгузори на танҳо сулҳу ваҳдати миллӣ, балки асосгузори давлати навини Тоҷикистон аст, зеро агар кишвар соли 1991 Истиқлолият ба даст оварда бошад ҳам, Сарқонуни (Конститутсияи) Иттиҳоди Шуравӣ то соли 1994 амал мекард ва маҳз аз соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби Конститутсияи миллию давлатии худ гашт ва соҳибистиқлолию мустақилият ва демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ будан бо ин ҳуҷҷати расмӣ тавассути раъйпурсии умумӣ тасдиқ гашт;

-Кишваре, ки солҳои ҳокимияти шӯравӣ ба бунбасти коммуникатсионӣ гирифтор шуда буд ва 93%-и он аз кӯҳҳо иборат буд, тахти роҳбарии Пешвои миллат тавонист тавассути нақбу роҳҳои асфалтпуш на танҳо роҳҳои худро ба чор самти ҷумҳурӣ дуруст кунад, балки ба кишварҳои ҳамҷавор ва тамоми гӯшаю канори ҷаҳон рафту омадро таъмин намояд.

-Тибқи ҳисобу китоби коршиносон, то интиҳои соли 2023 суръати рушди иқтисодӣ дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин хоҳад шуд ва дар ин замина, соли 2023 даромади умумии пулии аҳолӣ 15 фоиз афзоиш ёфта, ба 100 миллиард сомонӣ баробар мегардад;

-Агар соли 1992 буҷаи давлат холӣ гашта, хукумат фалаҷ гашта бошад, пас дар соли 2022 қисми даромади буҷаи давлат ба 33 миллиард сомонӣ баробар гардид;

-Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби коршиносони ҷаҳонӣ ҳамчун яке аз Конститутсияҳои беҳтарини ҷаҳон эътироф гашта, тули солҳои охир Тоҷикистон яке аз кишварҳои амнтарини дунё шинохта шуд;

-Дар давраи гузаштаи баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 180 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор кард;

-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои саҳми бузург, заҳматхои созанда ва қадамҳои пайваста дар роҳи рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи байнидавлатӣ, ташаббусҳои ҷаҳонӣ, хизматҳои бебаҳо дар густариши ҳамкорӣ, таъмини амнияту сулҳу субот дар саросари ҷаҳон, таҳкими дӯстии миллату халқиятҳо, робитаҳои гуногунсоҳаи башардӯстона, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар даврони истиқлолият бо ҷоиза ва мукофотҳои як қатор давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла медали «Барои шуҷоат дар ҳифзи Сарҳади давлатӣ»-и Федератсияи Россия (1994), Ситораи тиллои Алберт Швейтсер (2000), Ҷоизаи байналмилалии «Сулҳ-99» (1999), Ҷоизаи байналмилалии ба номи Петри Кабир (2002), Ҷоизаи олии ҷамъияти Бунёди байналмилалии хайрияи «Сармоягузорони аср» - нахустин ордени алмосии «Ситораи боваринок» (2005), ордени Қаҳрамони миллии Афғонистон - Аҳмадшоҳи Масъуд (2002), медали тиллои «Барои таҳкими сулҳу ваҳдати байни халқҳо» (2005), медали тиллои Давлати Миср (2007), Ситораи сурхи ёқути «Сулҳпарвар»-и Ассотсиатсияи умумиҷаҳонии хайрияи «Сулҳпарвар» ва Бунёди ҷамъиятии байниминтақавии хайриявии «Созвездие» (2007), медали фахрии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (2007), ордени Шаҳзодаи Украина Ярослав, дараҷаи 1 (2008), ордени "Се ситора, дараҷаи 1" бо занҷири тиллои Латвия (2009), Ҷоизаи махсуси Созмони Миллали Муттаҳид "Ҳадафҳои рушди ҳазорсола" (2010), Ҷоизаи олии давлатӣ - Ордени Покистон (2011), Ордени Байналмилалии Моҳи Нав ва Ситора (2011), медалҳо ва шаҳодатномаҳои Шурои Аврупо - «Пешвои асри XXI» (2011), мукофоти олии давлатии Украина - Ордени Дараҷаи 1 (2011), Ҷоизаи олии давлатии Озарбойҷон - ордени Ҳайдар Алиев (2012), ордени Президенти Туркманистон «Бетарафӣ» (2012), Ҷоизаи давлатии Давлати Қувайт - Ордени Муборак Алкабир (2013), Ҷоизаи давлатии Баҳрайн "Ал-Килод Ал-Халифа" (Ордени шоҳона) (2014), ҷоизаи олии Федератсияи Русия - Ордени Александр Невский (2017), Ҷоизаи давлатии Қазоқистон - Ордени давлатии "Парасат" (2018), Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон - ордени "Эл юрт хурмати" (2018), Медали фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ (2021) ва дигар ҷоизаву мукофотҳо.

Дар даврони истиқлолияти давлатӣ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафарҳои корӣ ба кишварҳои хориҷӣ бо устодону донишҷӯёни аксари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ вохӯриҳо баргузор намуда, барои хизматҳояш, рушду таҳкими робитаҳои байналмилалии Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар соҳаи илму маориф бо мукофоту унвонҳои олӣ, аз ҷумла профессори фахрии фалсафаи Академияи умумиҷаҳонии тиббӣ (2000), ҷоизаи Ассотсиатсияи байналмилалии Академияҳои илмҳои ИДМ - «Медал барои мусоидат ба рушди илм» (2001), медали тиллои ЮНЕСКО ба номи Абуалӣ ибни Сино (2002), доктори фахрии Донишгоҳи Ғозии шаҳри Анкараи Ҷумҳурии Туркия (2002), профессори фахрии Донишгоҳи Авруосиёи Остона ба номи Лев Николаевич Гумилев (2006), доктори фахрии Донишгоҳи миллии Киев ба номи Тарас Шевченко (2008), медали тиллои Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ( Румӣ) - ЮНЕСКО (2009), профессори фахрии Донишгоҳи давлатии кӯҳии Урал (2009), профессори фахрии Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Михаил Ломоносов (2009), доктори фахрии Донишкадаи улуми шарқии Русия ва Академияи илмҳо (2009), профессори фахрии Донишгоҳи Шинҷони Ҷумҳурии Мардумии Чин (2010), ҷоизаи олии Академияи илмҳои тиббии Федератсияи Русия - медали тиллои ба номи Николай Блохин (2009), профессори фахрии Донишгоҳи миллии кӯҳии Украина ва медали тиллои академик Терпигорев (2011), Ҷоизаи олии Институти муштараки таҳқиқоти ҳастаии Федератсияи Русия - медали тилло (2011), профессори фахрии Донишгоҳи Сиамени музофоти Футсзяни Ҷумҳурии Мардумии Чин (2012), профессори фахрии Донишкадаи давлатии иқтисод ва идораи Туркманистон (2012), доктори фахрии Донишгоҳи Мавлоно, Конияи Ҷумҳурии Туркия (2012), медали «60-солагии ЮНЕСКО» (2013), профессори фахрии Донишгоҳи давлатии Беларус (2014), профессори фахрии Донишгоҳи Лимкоквинги Малайзия (2014), профессор дар Маркази аврупоии пажӯҳишҳои байналмилалӣ ва стратегӣ (CERIS) (Брюссел) (2015), профессори фахрии Донишгоҳи муҳандисии нафти Уфаи Федератсияи Русия (2015), доктори илмҳои фалсафа ва иқтисод аз Қоиди Аъзами Донишгоҳи Покистон (2015), доктори фахрии Академияи дипломатии Озарбойҷон (2018), доктори фахрии Донишгоҳи Тсукубаи Ҷопон (2018), доктори фахрии Донишгоҳи Қоҳира (2022) сарфароз гардонида шудаст;

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои барҷаста дар рушди соҳаи варзиш, саҳми арзанда дар рушди ҳаракати олимпӣ, дастгирии доимии варзишгарон, бунёд ва азнавсозии иншооти варзишӣ, мусоидат дар ташкил ва баргузории мусобиқаҳои минтақавӣ ва байналмилалии варзишӣ дар Тоҷикистон, бо ордени Кумитаи байналмилалии олимпӣ «Барои рушди ҳаракати олимпӣ» (2003), ордени Шурои олимпии Осиё «Барои хизматҳои шоён» (2003), нишони рамзии камарбанди сиёҳи 5-уми дан оид ба каратэ-до (2005), Шурои тартиботи олимпии Осиё (2009), медали тиллои Кумитаи олимпии Чин (2012) ва медали фахрии "Камарбанди сиёҳ 9 Дан" бо шаҳодатномаи Федератсияи байналмилалии таэквондо (ITF) (2013) мушарраф гаштааст.

Пас ин ҳама шаҳодат аз он медиҳад, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омил ва кафили саодати мардум аст!

Рӯзи Президент муборак бошад!



***Ҷумъахон АЛИМӢ – мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон***

# 16-УМИ НОЯБР РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мутобиқ ба моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 14.05.2016 дар Тоҷикистони азизи мо рузи 16-уми ноябр ҳамчун «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷашн гирифта мешавад. Ба ин рӯз рост омадани чунин ҷашни муборак дар он аст, ки маҳз дар ҳамин рӯзи таърихӣ 16 ноябри соли 1994, Пешвои маҳбуби миллати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди халқу Ватан савганд ёд карданд. Ҳамзамон дар ҳамин сол дар аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиклол, ки аз тарафи мардум қабул гардида буд, шакли идории Тоҷикистон ба шакли Ҷумҳурии Президентӣ табдил дода шуд.

Таърихи башарият гувоҳ аст, ки инсоният аз замони қадим то ба имрӯз, бо назари эҳтиром ба хизматҳои таърихии шахсияте, ки аз роҳи интихоби дуруст сарварии дилхоҳ гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа ва давлатро ба ӯҳда гирифта, бо истифода аз дониш, маҳорат ва матонату мардонагии хеш тамоми ҳастии худро бахри осудагии миллат, давлат ва Ватан мебахшад, миннатпазир ва арҷгузор аст. Инро дар мисоли таърихи дилхоҳ давлатҳои қадим ва ҷаҳони муосир дидан мумкин аст. Мушабеҳи ин амал ва назари эҳтиром дар таърих то андозае ба назар мерасад, ки бо номи шахсиятҳо ва симоҳои барҷастаи ҳар қавму миллат номгузории қитъа, давлат, марказҳои маъмурӣ (пойтахти давлатҳо), исм ва номгузории аксари аҳолӣ ва амсоли ин монанд намунаҳои қадршиносиҳоро дидан мумкин аст.

Чунин таҷриба дар мисоли шахсиятҳои барҷастаи ҷаҳон ба мислӣ: Президенти нахустини ИМА - Ҷорҷ Вашингтон ба назар мерасад, ки то ба имрӯз мардуми ин кишвар ба эҳтироми ӯ зодрӯзашро ҳамчун рӯзи Президент ҷашн мегиранд, ё худ дар нисбати сарвари давлати Чин - Мао Сзе Дун ва аз давлати Туркия - Мустафо Камол, ки барои рушду инкишофи давлатҳои худ саҳми арзишманд гузоштаанд, ин назари эҳтиром идома мегирад.

Матлаби мо дар ин назар дуруст нигаристан ба масъалаи арҷ гузоштан ба шахсияти таърихие иборат аст, ки бо рисолати хеш дар назари қавму миллат унвонии «Пешвои миллат»-ро соҳиб гардидааст.

Зери мафҳуми «Пешвои миллат» нахуст шахси таърихӣ ва сарвари давлати миллиеро метавон ифода кард, ки дар як марҳалаи муайяни таърихӣ бо иродат, қудрат ва матонати хеш кори идораи давлатиро дуруст ба роҳ монда, барои осудагӣ, ободӣ, гулгулшукуфӣ, пешравӣ ва қудратмандии давлат ва миллат асоси мӯътамад мегузорад. Маҳз дар заминаи чунин сарварӣ, эътибори давлат ва миллат дар дохил ва хориҷи кишвар меафзояд. Беҳтарин арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа равнақи тоза мегиранд. Афкори солим ва созанда раҳнамуднгари комёбиҳо ва муваффақ гардидан дар набардҳои таърихӣ, новобаста аз нобасомониҳо ва нотавониҳо мегардад. Суруд ва навои Ватану миллат ҳамқарини дилҳои насли пиру ҷавони кишвар гардида, зери парчами давлат рамзи садоқат, матонат ва корнамоию диловарии миллат ифшо мегардад. Давлату миллат аз роҳи ташаккули иҷтимоию иқтисодӣ эътибор пайдо намуда, шинохтаи ҷаҳон мегардад.

Барои дарки пурраи он мушарафоте, ки дар нисбати Эмомалӣ Раҳмон бо унвонии «Пешвои миллат» эътироф гардидааст, зарур аст ба саҳифаҳои навини давлати ҷавони тоҷикон дар раванди соҳибистиқлолӣ ва интихоби маҷрои ҷомеаи демократӣ, ки беш аз 32 солро дар бар мегирад, ба назари воқеӣ нигарем. Дар ин радиф нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар эъмори ҷомеаи навини тоҷикон ба ҳайси Сарвар ва Пешвои миллати сарбаланд нишон диҳем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ дар соли 1991 ба шоҳроҳи нави таърихӣ –




давраи соҳибистиқлолии кишвар аз роҳи ниҳоят душвор ворид гардида, бунёди ҷомеаи демократиро мақсад ва ҳадафи худ қарор дод. Таҷрибаи марҳалаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон, нисбатан нав буда, аз худ осори аз назари таҳқиқ ибратомӯзеро боқӣ гузошт, ки аз хотири насли муосир ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад шуд. Ҷустуҷӯи роҳи ба ҳам омадани миллат ва пойдор нигоҳ доштани давлати соҳибистиқлол дар заминаи фарҳанги таърихию фалсафаи сулҳоварӣ ва таҳаммулпарварии миллат бо шинохт ва дарки нав, аз хирад ва ташаббусҳои наҷибу оқилонаи сарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷикро ба якдигарфаҳмӣ, сулҳ, ризоият ва ваҳдати миллӣ оварда расонид, ки дар назари умум барои миллати тоҷик бузургтарин арзиш ва неъмат буд. Таҷрибае, ки бо назари ибрат то ба имрӯз мавриди омӯзиш ва истифодаи давлатҳо ва нуқтаҳои даргири ҷаҳон мегардад.

Маҳз дар заминаи ин дастовард ва минбаъд хомӯш нишондодани ҳама гуна кӯшиш ва омилҳои халалпазир ва нооромкунандаи давлат, имкониятҳои воқеӣ барои инкишоф ва рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар ва беҳтар намудани ҳаёти иҷтимоии миллат ба вуҷуд омад, ки дар натиҷа Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо, дар қатори давлатҳои рӯ ба тараққӣ қарор мегирад.

Ба миён омадани сохтори ҷомеаи демократӣ ҳамчун падидаи нави сиёсӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол зарурати таърихӣ ва тақозои замон буда, дар заминаи шароитҳо ва омилҳои мӯътамади иҷтимоӣ-сиёсии давраи гузариш ба амал омад. Ба сифати зарурияти таърихӣ бо он сабаб алоқамандӣ дошт, ки дар соли 1991 Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун давлати ягонаи абарқудрат мавқеъ ва нуфӯзи ҷаҳонии худро аз даст дода, барҳам мехӯрад ва дар натиҷаи он ҳамаи халқҳо, миллатҳо, гурӯҳҳои дигари миллию этникие, ки дар дохили собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ муттаҳид буданд, аз таъсири маркази ягонаи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, идеологӣ ва фарҳангии мавҷудбуда, ҷудо шуда, пароканда мегарданд. Дар чунин вазъияти иҷтимоию сиёсии душвору мураккаб, вале ба ҷиҳати моҳият тақдирсоз ҳар як миллату халқият ва ҷумҳуриҳои собиқ дар Иттиҳоди Шӯравӣ қарордошта, бо назари умеди нек ба тақдири миллати хеш, роҳҳои тараққиётиояндаи худро ҷустуҷӯ мекарданд. Халқи тоҷик, дар ин росто ҳамчун як узви таркибии давлати ягонаи шӯравӣ, бо амри таърих ва роҳбарии хирадмандонаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон тавонист истиқлолияти миллии худро ба даст оварад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон оғози бунёди ҷомеаи демократӣ ба воқеаҳои ба даст овардани истиқлолияти сиёсии кишвар рост меояд. Дар ин росто Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид ва дар он Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид, барои ташаккули давлату Ҳукумати нави Тоҷикистон таҳкурсӣ ва заминаи боэътимод гузошт. Баъди таъсиси пурраи давлати мустақили тоҷикон, Ҳукумати нави конститутсионӣ ва Раёсати Шурои Олӣ дар Тоҷикистон, сохтори ҷомеаи демократӣ оғоз ёфт ва дар ин муддати начандон зиёди таърихӣ халқи тоҷик ба комёбиҳои бузург соҳиб гардид. Новобаста аз душвориҳо ва монеаҳои зиёди дорои хислати сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ки сади роҳи муборизаи халқи тоҷик мегардиданд нигоҳ накарда, ин миллати пуршараф соҳибистиқлолии худро ҳифз намуда, давлати милии хешро бунёд намуд.

Дарки маънои фалсафии Истиқлолият мафҳуми хеле васеъ мебошад. Дар маънои умум, моҳияту мазмуни истиқлолият дар тамоми муборизаи тулонии ин ё он халқу миллат барои ба даст овардани озодӣ, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, соҳиб гардидан ба худшиносӣ, ташаккули ҳиссиёти миллӣ, устувор гардонидани ваҳдат, таъмини амнияти мардум ва сулҳу осоиштагиро дар мамлакат ифода менамояд. Вобаста ба моҳият, мазмун, характер ва мавқеи таърихии худ, Истиқлолият шаклҳои зеринро дорад: Истиқлолияти иқтисодӣ, истиқлолияти сиёсӣ, истиқлолияти иҷтимоӣ, истиқлолияти идеологӣ, истиқлолияти маданию фарҳангӣ ва ғайра. Ҳар кадоме аз ин шаклҳои истиқлолият дар навбати худ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошанд. Ҳамаи ин ва дигар равандҳои асосии он дар якҷоягии том маънои истиқлолияти миллиро ифода менамояд.

Мушабеҳи ин масъалаи эъмори давлати милӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои давлати демократӣ дар мисоли расмият ва суннатҳои кори идораи муносиб, ташкили унсурҳои муҳими сохтори идораи давлати ҳуқуқбунёд, ташкили ҳама институтҳои сиёсии давлат ва ҷомеа, қабули Конститутсия, ташкили Парламент, системаи бисёрҳизбӣ, ҳифзи амният ва иқтидори давлат, таъмини иҷтимоии аҳолӣ, амалишавии сиёсатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, рушди соҳаи маориф, ҳифзи сиҳатии аҳолӣ, қабули барномаҳои мушахаси стратегии инкишофи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва амсоли онҳо рӯи кор омаданд, ки иқтидормандии давлати моро боз ҳам баланд бардошт. Дар кишвар барномаҳои мушаххаси инкишофи иқтисодӣ, муайян намудани роҳи дурусти расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, афзоиши буҷаи давлат, амалӣ гардидани нишондодҳои ин барномаҳо дар мисоли бунёди нерӯгоҳҳои обӣ ва энергетикӣ, бунёди шоҳроҳҳои бузурги автомобилӣ, бунёдкории иншоотҳои муҳими хоҷагӣ, давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амсоли онҳо ва дар радифи он аҳамияти муҳим пайдо намудани соҳаҳои маориф, тандурустӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, то рафт эътибори ҷаҳонӣ пайдо намудани давлати тоҷикон дар ҷаҳон ба даст омад.

Таҷрибаи таърихии давлатҳо шоҳиди он аст, ки ҳар як миллат дар тамоми давраҳои мавҷудияти худ баъд аз ноил гардидан ба истиқлолияти сиёсӣ барои соҳиб гардидан ба истиқлолияти миллӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ худ мубориза мебарад. Ба ин халқу миллати тоҷик, мисоли равшан шуда метавонад, ки бо бардошти асолат ва таҷрибаи неки аҷдоди пуршарафи хеш ва бо гиру дори таърих ҳамқарин гардида, дар ин набард муҳимтарин арзишҳои худро дар мисоли асолати давлатдорӣ, мероси фарҳангӣ, арзишҳои динниро ҳифз намуда, ҳамқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ мегардад. Барои мушарраф гардидан ба ин комёбӣ нақши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон беназир аст.

Дар ин росто рӯй овардан ба таърихи Ватан, арҷ гузоштан ба мероси давлатдории қадими аҷдодон, шукуҳу шаҳомоти давлатдории аҳди Сомониён, асосгузор ва пешвои он Исмоили Сомонӣ, эҳдои суннатҳо, анъанаҳо, маданият, фарҳанги миллӣ ва динию исломӣ (дар мисоли ҷашни «Тамаддуни Ориёнӣ», «1310-солагии Эмоми Аъзам»), баргузории ҷашнвораҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ба ифтихори шахсиятҳои таърихию фарҳангӣ, ҷаҳонӣ гардонидани арзишҳои миллӣ дар мисоли Наврӯз, ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани асолат ва фарҳанги миллат. Бузургтар аз он дарки набзи сайёра, ҷомеа ва ҷаҳон, пешниҳод ва барасии масъалаҳои муҳими амнияти геополитикӣ ва табиии ҷаҳон (дар мисоли 5 пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи об), ки аз назари давлатҳои ҷаҳон ҳамдилӣ ва дастгирии хешро пайдо намуда, шӯҳрат, эътибор ва нуфӯзи давлати ҷавони тоҷиконро дар арсаи ҷаҳон боз ҳам баланд бардошт.

Бо назардошти ин метавон сарнавишти навини миллати тоҷикро дар давраи нави соҳибистиқлолии кишвар як навъ имтиҳони тақдир шинохт, ки аз роҳи таърихии аҷдоди пуршараф ва таҷрибаи ҷаҳонсозии миллати сарбаланд огаҳӣ медиҳад, ки новобаста аз омад ва ноомади тақдир рӯҳи озодиовар ва матини ин миллат пойбарҷо буда, дар замони нав аз роҳи сарварии оқилона ва садоқатмандонаи марди хирад-Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон роҳи наҷоти худро пайдо намуд.

Эмомалӣ Раҳмон дар воқеъ Пешвои миллат аст. Таърихи нави тоҷикон, сарнавишти воқеии миллат дар шоҳроҳи нави таърихӣ возеҳу равшан собит сохт, ки барои мушарраф гардидан ба дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ ва бунёди ҷомеаи демократӣ, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон нақши муассир ва босазоро адо намудааст. Бо назардошти ин давлат ва миллати огаҳ ба назари арҷ ба ин дастовард ба ӯ унвонии “Пешвои миллат”-ро муносиб донистааст.

Ҳамчунин ба доираи “Рӯзҳои ид” ворид гардидани "Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар таърихи 16 ноябри соли 2016 як навъ ҷашни қадрдонию сипос ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Рӯзи Президент ба ҳама сокинони Тоҷикистон муборак бошад!



*Назарзода ПИРАЛӢ–*
*доктори илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

*Эй Ватан, ҳар лаҳзаи бахти ту сад соли дил аст,*
*Рӯзи Истиқлоли ту Наврӯзи иқболи дил аст. Низом Қосим*



# ҲОМИИ СУЛҲУ СУБОТ – ОЯНДАСОЗИ МИЛЛАТ

Ҳамасола рӯзи 16-уми ноябр мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Шомилшавии ин рӯз дар радифи рӯзҳои ҷашнӣ заминаи арҷгузорӣ ба заҳмату талошҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи бунёди давлати миллӣ ва эъмори давлати тоҷикон дар марҳилаи нави таърихӣ имкон фароҳам омад.



Баробари истиқлолият Худованд ба халқи мо роҳбареро насиб гардонид, ки бо кирдору амалҳои некаш тавонист мардуми парешонро муттаҳид, дар кишвар сул-ҳу ваҳдатро пойдор ва ба ҷанги бемантиқ хотима диҳад. Дар натиҷаи заҳмату талошҳои Сарвари давлат ва Пешвои миллатамон дар тӯли солҳои гузашта тамоми рукнҳои давлатдорӣ баркарор шуда, сулҳ ва ваҳдати комили миллӣ пойдор, рушди устувори иктисодиву иҷтимоӣ таъмин, худшуносиву худогоҳӣ таҳким, ҳисси ватандӯстии тамоми табақаҳои ҷомеа афзуд. Ба ҳамаи ин дастовардҳои беназир мо тавассути роҳбарии оқилонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, хиради халқи сулҳпарвар, меҳнатдӯсту соҳибмаърифатамон ноил шудем.

Маҳз тавассути талошҳои Президент мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар марҳилаи нави давлатдорӣ ба давлати соҳибистиқлолу демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва ягона табдил ёфта, сохтмони шаҳру шаҳракҳои замонавӣ, иншооти азими саноативу иҷтимоӣ, фарҳангиву фароғатӣ, роҳҳову пулҳову нақбҳои нақлиётӣ, неругоҳҳои барқии обӣ ва дигар инфрасохтори замонавӣ симои кишварамонро ба тавре шинохтанашаванда тағйир дод. Бо назардошти ҳамаи инҳо Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 11-уми декабри соли 1999 барои хизматҳои бузургаш дар барқарор кардани сулҳ дар кишвар, таъмини амнияту бехатарии халқи тоҷик ва давлати миллӣ, хизмат-ҳои барҷастааш дар рушду инкишофи истиқлолияти Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон сарафроз гардонид.

Ҳамчунин Президенти Тоҷикистон пайваста дар бораи инкишофи соҳаи мактабу маориф, илму маърифат, фароҳам овардани шароитҳои мувофиқ барои таҳсилу касбомӯзӣ ва ҳаёти ҷавонон ғамхориҳо зоҳир менамояд. Маҳз тавассути ғамхориҳои доимиву пайгиронаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ ба ин мақсад шумораи зиёди муассисаҳои оливу миёна, китобхонаву осорхонаҳо, марказҳои варзишиву дилхушӣ сохта шуда, мавриди истифода қарор дода шудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама баромаду суханрониҳояш пайваста таъкид месозад, ки ҷавонон қувваи бузурги созанда ва ояндаи миллату давлат буда, барои онҳо бояд тамоми шароитҳо фароҳам оварда шавад. Аз ин лиҳоз, таъкидҳои падаронаи Сарвари давлатамон ҳар яки моро водор менамояд, ки тибқи дастурҳои Президенти кишвар амал намуда, бо меҳнати софдилонаву созанда, таҳсили аъло, интизоми намунавӣ ба дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, сулҳу ваҳдат, рушди бемайлони тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданиву маърифатӣ ва муҳофизати Ватани азиз саҳм гузорем.

Дар 32 соли соҳибистиқлолӣ бунёд кардану таъсис додани 32 муссисаи таҳсилоти олӣ, 41 муассисаи таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ ва 3246 мактаб, аз ҷумла 156 муссисаи таълимии типи нав, яъне гимназия, литсей, мактабҳои байналмилалӣ ва 300 муассисаи томактабӣ иқдомоти созандаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат мебошад.

Маҳз сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба 2 миллиону 300 ҳазор нафар расида, шумораи ҷавонони боистеъдоде, ки барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода мешаванд, сол ба сол афзоиш ёфта, дар соли таҳсили 2022 ба беш аз 42 ҳазор нафар дар 25 давлати хориҷӣ расидааст.

Аз рӯи нишондодҳо ҳар сол беш аз 5 ҳазор нафар ҷавонони боистеъдоди мо барои таҳсил ба мактабҳои олии хориҷи кишвар фиристода мешаванд.

Дар ин баробар тадбири дигари Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то соли 2026 бо мақсади саросар соҳибкасб гардидани аҳолӣ шаҳрвандони аз 18-сола болоро, ки касбу ҳунар надоранд, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардан мебошад.

Дар ин замина бо амалисозии иқдоми мазкур дар панҷ соли оянда як миллион нафар шаҳрвандони кишвар бояд соҳибкасб гардонида шаванд.

Маҳз фаъолияти пурсамар ва бисёрҷабҳаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси Роҳбари Давлат, ки ба мушкилтарину ҳассостарин марҳилаи таърихи тоҷикон бунёд ва таҳкими аркони давлати соҳибистиқлол ва таҳкими сулҳу субот рост меояд, ҳамчун достони мардонагию ҷасорат, бунёдкорию созандагӣ ва навҷӯию навовариҳо дар саҳифаҳои таърихи ин миллати фарҳангию куҳанбунёд бо ҳарфҳои заррин абадӣ нақш бастааст.

Мо кормандони соҳаи маориф бо шарафмандӣ ва саодати бузург бо Сарвари маҳбубу раъиятпарвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати милли- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарзамини биҳиштосои кишвари соҳибистиқлоли худ ифтихор намуда, бо саъю талоши пайгирона дар роҳи тарбияи насли наврасу ҷавонони кишвар мекӯшем, то дар рушду нумӯъ ва шукуфоии Ватани азизамон саҳмгузор бошем.

Маҳз тавассути талошҳои Президент Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар марҳилаи нави давлатдорӣ ба давлати соҳибистиқлолу демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва ягона табдил ёфта, сохтмони шаҳру шаҳракҳои замонавӣ, иншооти азими саноативу иҷтимоӣ, фарҳангиву фароғатӣ, роҳҳову пулҳову нақбҳои нақлиётӣ, неругоҳҳои барқии обӣ ва дигар инфрасохтори замонавӣ симои кишварамонро ба таври шинохтанашаванда тағйир дод.



*Шарипов АЛАМШО, мудири кафедраи илмҳои компютерӣ, номзади илмҳои техникӣ*

## ТОЛОРИ СИЁСАТ
## ЭҲДО БА ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Ба толори сиёсат нақш бозӣ кардан осон нест,
Тамоми фирқаро ҳам дилнавозӣ кардан осон нест.
Дар ин ҷо адлро гаҳ сояи линҷонии ҷавр аст,
Ба зери боми гардун сарфарозӣ кардан осон нест.

Намедонӣ кадомин тӯда раҳёб аст ё раҳгум?
Гунаҳашро кунад баднафс бори донаи гандум.
Агар ҷонро ба ҷонаш монию бахшӣ ба ӯ умрат,
Ба рӯзи бад гиребонгири ғамхораш шавад мардум.

Бибинад хӯрдану бо худ чӣ бурданро намебинад,
Фараҳро дида, аммо ғусса хӯрданро намебинад.
Ба рӯзи марг гӯяд: – Ҳайф, рафт ӯ аз ҷаҳон барвақт,
Вале дар зиндагонӣ ҷон супурданро намебинад.

Агар имкон диҳӣ, худро ҳама аллома мехонад,
Фақат зебанда бахри худ кулоҳу ҷома мехонад.
Агар меъмор бошад, поя хонад ҳар хати тарҳаш,
Агар бошад суханвар, ҳарфи худ дилнома мехонад.

Намегирад вале мардона бар гардан касе айбаш,
Бигӯяд туҳмат аст, он чӣ ба лаб оранд дар ғайбаш.
Парӣ дорад, сабукро сояи давлат бибардорад,
Дигаргун мешавад аксар, пас аз пур гаштани ҷайбаш.

Касе бесуд умрашро насозад бахри мардум сарф,
Зи дар берун намегардад касе беҳуда рӯзи барф.
Ногаҳ бандае аз сояи салқин шавад маҳрум,
Дар он рӯзе, ки бе оташ биҷӯшад об ҳам дар зарф.

Зи тухми кошта сархӯшаи бурди ҳама рӯяд,
Ба паймонам набошад ғайри ҷуброн,– зиндагӣ гӯяд.
Ба сад уммед инсон роҳи дури умр гирад пеш,
Расад то бар макони мақсадаш роҳ рӯзу шаб пӯяд.

Ба худ бегона, бар халқ ошноӣ, сарварӣ бошад,
Бақои бахту давлат аз раъиятпарварӣ бошад.
Гурӯҳе гаҳ кунад аз носипосӣ некро ҳам бад,
Дар ин майдон зи бозӣ ҳам гаронтар доварӣ бошад.

Зи ранҷи сарварӣ гар хӯрдагире бохабар гардад,
Газад ангушти ҳайрат, тарзи гуфтораш дигар гардад.
Ба сӯи сарвари худ бингарад бо дидагони меҳр,
Ба тобаш офарин гӯяд, пайи ҳифзаш сипар гардад.

Ба толори сиёсат нақш бозӣ кардан осон нест,
Тамоми фирқаро ҳам дилнавозӣ кардан осон нест.
Дар ин ҷо адлро гаҳ сояи линҷонии ҷавр аст,
Ба зери боми гардун сарфарозӣ кардан осон нест.

*Муҳаммад ҒОИБ, Шоири халқии Тоҷикистон*

# АЗ ТАЪРИХИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мусаллам аст, ки дар таҷрибаи кишварҳои пасошӯравӣ бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсия дар Ҷумҳурии тоза ба истиқлол расидаи Тоҷикистон, барои ҳар як шаҳрванди кишвар, воқеан, рӯйдоди муҳимми таърихӣ ва тақдирсозу кафолати татбиқи ормонҳои миллӣ гардид.

Давраи нави инкишофи конститутсионии Тоҷикистон бо марҳилаи бозсозии ҷамъияти Шӯравӣ, ҷараёни тайёр кардани лоиҳаи шартномаи нави иттифоқӣ ва дар асоси он коркардабароии лоиҳаи конститутсияи нави ИҶШС рост меояд. Тақозои замон чунин буд, ки кори тайёр кардани лоиҳаи конститутсия бо ташаббуси мақомоти олии ҳизби коммунистӣ сар шуда, дар зери назорати онҳо давом мекард. Ташкилотчии ин кор дастгоҳи КМ ҲК Тоҷикистон буд. Фақат баъди интихоби Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати 12-ум (феврал-марти соли 1990) ин кор ба ӯҳдаи кумитаи қонунгузории Шурои Олии Тоҷикистон гузошта шуд.

Қадами аввал барои амалӣ гардонидани ин мақсад қабули Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 гардид. Дар он истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС ва чораҳои амалӣ гардонидани он эълон карда шуд. 9 сентябри соли 1991 Эъломияи мазкур бо ҳолатҳои наве ғанӣ гардонида шуд, ки онҳо заминаҳои соҳиб-ихтиёрии Тоҷикистонро дар ҳайати ИҶШС боз ҳам васеъ гардониданд. Баъди барҳамхӯрии иттиҳоди ҶШС ба Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйи-роту иловаҳое дароварда шуданд, ки онҳо соҳибихтиёрии пурраи ҳуқуқии Тоҷикистонро ба расмият дароварданд.

Мувофиқи қарори Шурои Олии Тоҷикистон аз 23 августи соли 1990 комиссияи конститутсионӣ оид ба тайёр кардани лоиҳаи Конститутсияи нави Тоҷикистон бо сардории Раиси Шурои Олии Тоҷикистон, котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон Қ. Маҳкамов дар ҳайати 53 нафар ташкил ёфт. Бо ташаббуси кумитаи қонунгузории Шурои Олии Тоҷикистон дар наз-ди кумитаи конститутсионӣ гурӯ-ҳи корӣ иборат аз 25 нафар, асосан аз шумори олимони намоёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисодиёт, илму фарҳанг ва ғайра ташкил ёфт. Тобистони соли 1991 онҳо шакли аввали лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки он аз муқаддимаи мухтасар, 7 фасл, ки баъзеи онҳо ба бобҳо ҷудо мешаванд, иборат аз 150 модда тайёр карданд. Давоми кори тайёр кардани лоиҳаи Конс-титутсияи Тоҷикистон моҳиятан ба сабаби барҳам хӯрдани ИҶШС мавқуф гузошта шуд.

Давраи дуюми кори тайёр кардани лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди барҳамхӯрии ИҶШС ва дохил шудани Тоҷикистон ба ҳайати Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамчун давлати соҳибихтиёр сар шуд. Мувофиқи қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми январи соли 1992 ба ҳайати комиссияи конститутсионӣ тағйирот дароварда шуд. Раиси комиссия Президент Р. Набиев таъйин гардид. Мувофиқи амри Президент аз 10-уми феврали соли 1992 гурӯҳи корӣ дар ҳайати 9 нафар ташкил ёфт. Ин гурӯҳ дар муҳлати муқарраршуда лоиҳаи Конститутсияро тайёр карда, ба Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикис-тон пешниҳод кард ва он бо қарори худ аз 22 апрели ҳамон сол лоиҳаро ба муҳокимаи умумихалқӣ тавсия намуд.

Лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 апрели соли 1992 дар матбуот барои муҳокима интишор гардид. Муҳлати ҷамъбасти муҳокима 1-уми июли соли 1992 муқаррар шуд. Лоиҳаи мазкур аз муқаддимаи мухтасар, 7 фасл, ки баъзеи онҳо ба бобҳо ҷудо мешуданд, аз 12 боб ва 136 модда иборат буд.

Саршавии давраи сеюми кори тайёр кардани лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қарори Иҷлосияи 17-уми Шурои Олӣ аз 26 июли соли 1993 дар бораи тағйир додани ҳайати комиссияи конститутсионӣ алоқаманд аст. Мувофиқи қарор раиси комиссияи конститутсионӣ Эмомалӣ Раҳмон- Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. 4-уми сентябри ҳамон сол якумин маҷлиси ин комиссия барпо гардид ва дар он зарурати аз нав сар кардани кор оид ба лоиҳаи Конститутсия қайд гардид. Супориш дода шуд, ки гурӯҳи кории нав ташкилгардида, лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо зудӣ таҳия ва пешниҳод намояд.

Дар бораи рафти таҳия кардани лоиҳаи Конститутсия дар Иҷлосияи 18-уми Шурои Олии Тоҷикистон ахборот шунида шуд. Дар иҷлосия Раиси комиссияи конститутсионӣ бо изҳороти сиёсӣ баромад карда, самтҳои кори ояндаро аз болои лоиҳаи Конститутсия шарҳ дод. Муайян карда шуд, ки баъди тайёр шудани лоиҳа Шурои Олӣ онро баррасӣ намуда, ба муҳокимаи умумихалқӣ мегузорад ва баъди хотима ва ҷамъбасти он қабули Конститутсияро ба раъйпурсӣ мегузорад.

Дар аввали моҳи апрели соли 1994 лоиҳаи Конститутсияи нав-ро дар ду шакл: лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ ва лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии парлумониро гурӯҳи кории комиссияи конститутсионӣ пешниҳод кард. Комиссияи конститутсионӣ баъди омӯхтану муҳокимаи онҳо ба муҳокимаи мардум пешниҳод кардан варианти лоиҳаи конститутсияи ҷумҳурии президентиро тавсия кард. Раёсати Шурои Олӣ бо қарори худ аз 13 апрели соли 1994 лоиҳаро интишор кард ва ба комиссияи конститутсионӣ супориш дод, ки таклифу эъродҳои мардумро оид ба такмил додани лоиҳа ба ҳисоб гирад ва ба лоиҳа тағйиротҳои лозимӣ дароварда, то якуми июли соли 1994 онро ба Раёсати Шурои Олӣ пешниҳод намояд. Лоиҳаи конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон 21-22 апрели соли 1994 дар рӯзномаҳои ҷумҳурӣ интишор гардид ва муҳокимаи он оғоз ёфт. Лоиҳа иборат аз муқаддимаи мухтасар, 10 боб ва 100 модда буд. Дар он бисёр меъёру ҳолатҳои лоиҳаи соли 1992 ба муҳокимаи мардум пешниҳод гардида инъикос ёфта буд. Бар обари ин, баъзе меъёрҳои хислати демо-кратидоштаи аз он партофташуда, меъёрҳо дар хусуси вазъи ҳуқуқии ВМКБ аз матни ин лоиҳа берун монда буд. Ва фақат баъди таклифҳои боисрори намояндагони ВМКБ ва аъзоёни комиссияи конститутсионӣ ба лоиҳа боби 7 дар бораи ВМКБ дохил карда шуд. Дар нимаи аввали моҳи июли соли 1994 комиссияи конститутсионӣ варианти ислоҳшудаи лоиҳаро маъқул донист ва барои ба Шурои Олӣ тавсия кардан ба Раёсати он пешниҳод намуд. Конститутсия 21-22 июли соли 1994 дар Иҷлосияи 19-уми Шурои Олӣ муҳокима гардида, ба раъйпурсӣ тавсия карда шуд. Лоиҳаи ба раъйпурсӣ пешниҳод гардидаи Конститутсия аз 10 боб ва 100 модда иборат буд. Иҷлосияи 20-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 7 сентябри соли 1994 муҳлати анҷоми раъйпурсиро аз 25-уми сентябр то 6 ноябр тамдид кард.




Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Натиҷаи расмии раъйпурсӣ чунин буд: дар 64 ҳавзаи овоздиҳӣ 2685724 шаҳрванд ба рӯйхат гирифта шуда, дар раъйпурсӣ 2535437 нафар 94,4% ширкат варзиданд. Ба тарафдории Конститутсия 2352554 нафар, ё ин ки 87,59% овоз дода, муқобили Конститутсия 105300 нафар (3,92%) мавқи худро муайян намуданд. Бо ҳамин натиҷа Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 маъқул дониста шуда, ба амал даромад.

Бо дарназардошти инкишоф ва пешрафти ҷомеа, рушди забони давлатӣ, боз ҳам демократикунонии давлат, баланд бардоштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба инобат гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим-ҳо" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ба Конститутсия даврони соҳибистиқлолии кишвар 3 маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуд: бори аввал 26-уми сентябри соли 1999, бори дуюм 22-юми июни соли 2003, ори сеюм 22-юми майи соли 2016.

Дар марҳилаи нави давлатдории тоҷикон Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ, ки бар пояи арзишҳои таърихии ниёгони мутамаддин, унсурҳои инсонпарваронаву башардӯстонаи ориёӣ ва бо назардошти ормонҳои миллати куҳанбунёд таҳия ва қабул гардид, Ватани маҳбуби моро дар арсаи ҷаҳонӣ чун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ ва халқи шарифи кишварро ҳамчун мардуми бунёдкор, сулҳпарвар ва фарҳангӣ муаррифӣ намуд.

Қабули Конститутсия баёнгари иродаи озодонаи мардуми кишвар ва инъикосгари маданияту ҷаҳонбинии пешрафтаи ҳуқуқии халқи тоҷик мебошад. Аз инру, ин санади олии ҳуқуқӣ, воқеан, мояи ифтихор ва сарфарозии ҳар як шаҳрванди ватандӯсти мамлакат ва дастоварди муҳимтарини даврони соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб меравад.



*Бадалов ИСФАНДИЁР, муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

**Қабули Конститутсия баёнгари иродаи озодонаи мардуми кишвар ва инъикосгари маданияту ҷаҳонбинии пешрафтаи ҳуқуқии халқи тоҷик мебошад. Аз инру, ин санади олии ҳуқуқӣ, воқеан, мояи ифтихор ва сарфарозии ҳар як шаҳрванди ватандӯсти мамлакат ва дастоварди муҳимтарини даврони соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб меравад.**

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - ПЕШВОИ

## *(дар ҳошияи истиқбол аз Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)*



**Исозода ПАРВИЗ-декани факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Аз таърихи пайдоиши давлатҳо бармеоянд, ки дар тамоми даврy замон дар маркази сиёсати ҷаҳон нақши шахсиятҳо, чеҳраҳои таърихӣ, инсонҳои дорои ғояҳои олӣ, муттаҳидсозони гурӯҳҳои мухталиф, пешгомони арсаҳои созандагӣ меҳварӣ арз-ёбӣ шуда, тақдири давлатҳову миллатҳо тавъам ба номи раҳбарони сиёсист. Чунончи аз таърихнигори машҳури фаронсавӣ Томас Карлейл маҳфуз аст, «таърихи дунё тарҷумаи ҳоли одамони бузург аст».

Марҳилаи навини давлатдории мустақили халқи тоҷик, ки дар оғоз миллати куҳанбунёду соҳибтамаддун ва давлати ҷавону тоза ба истиқлол расидаи Тоҷикистонро бо таҳмили иғвоангезону манфиатхоҳони дохиливу хориҷӣ ба гирдоби имтиҳони сангини таърих-ҷанги нангини шаҳрвандӣ, вартаи ҳалокату наҷоти миллат кашид, дар баробари хисороти камаршикани моливу ҷонӣ ва инфрасохторӣ, барои мардуми ин сарзамини биҳиштосову фарзонахез, инчунин, чеҳраи деринтизори таърихӣ, Сарвари курушманишу исмоилсират, лидери сиёсии мавриди эътирофи умум, умедбахши халқи ҷафодида, илҳомбахши элитаи сиёсӣ, сулҳҷӯю ваҳдатгаро, пайвандгари гурӯҳ-ҳои оштинопазир, ҳомии арзишҳои давлатдории миллӣ, Пешвои аз худ гузаштаву ҷонфидои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро эҳдо намуд.

Дар шароити барои кишвар бисёр сангин фарзанди фарзонаву хирадсолори миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбари давлат интихоб гардид ва аз рӯзҳои нахустин дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ роҳеро пеш гирифт, ки тавассути он кишвар марҳила ба марҳила аз ҷанги шаҳрвандӣ берун гардида, ба Ваҳдат ва ризоияти миллӣ расид.

Тибқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 14.05.16, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол санаи 16 ноябр ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баргузории ҷамъомадҳои илмӣ, мулоқоту вохӯриҳои мардумӣ, мусобиқаҳои варзишию фар-ҳангӣ ва чорабиниҳои идона таҷлил мешавад. Таҷлили санаи мазкур аҳамияти муҳим дошта, посдории арзишҳои ниҳоди Президент, сарҷамъи атрофи Лидери соҳибэътибори сиёсӣ, кафолати ҳифзи истиқлолу озодӣ, ваҳдату ҳамдилӣ, татбиқи аҳдофи стратегӣ ва таъмини рушди устувору заминагузории ояндаи дурахшони давлату миллат арзёбӣ мешавад.

16 ноябр ихтисос ёфтани ин ҷашни муборакӣ умумимиллӣ решаи таърихӣ дошта, ба санаи бори нахуст ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди халқу Ватан савганд ёд кардани Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (16 ноябри соли 1994) бастагӣ дорад. Он сол дар аввалин Конститутсияи Тоҷик-истони соҳибистиқлол, ки ба тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул гардид, шакли идоракунии Тоҷикистон ба шакли ҷумҳурии президентӣ иваз карда шуд.

Мувофиқи моддаи 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) ба ҳисоб рафта, ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдорию бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Гиромидошти Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як фарди худогоҳу ватандӯст, ҳар сокини озоду осудаи Тоҷикистони азиз ҷашни милливу худшиносӣ, бозгашт ба асолати миллӣ ва баҳрабардорӣ аз мактаби давлатдории Пешвои миллат аст. Албатта, дар таърихи давлати соҳибистиқлоли мо мафҳуми “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо шахсияту хидматҳои бузурги Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавъам мебошад.

Ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, ғайрату ҷасорати рустамона, нутқи сулҳовару умедбахши Пешвои деринтизору маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз аввалин баромаду масъалагузориҳояш элитаи сиёсиро мутаҳаййир ва мардуми кишварро боли умед бахшида буд. Чунончи дар мурожиатномаи худ ба мардуми шарифи Тоҷикистон 12 декабри соли 1992 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Қасри Арбоб дар рӯзи ниҳоии Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ иброз намуданд: «Тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои ободиву пешрафти Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба оянда неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам…».

Шоири халқии Тоҷикистон Низом Қосим азму афкору ҷавонмардонаи Пешвои миллатро, ки дар он рӯзҳои сангини миллат вуҷудашро фаро гирифта буданд, бисёр муносиб ба риштаи назм кашидааст:

*Ҷавониро фидо кардам,*
*диёрам то ҷавон бошад,*
*Гузаштам борҳо аз ҷон, ки*
*ҷонаш дар амон бошад.*

Шоири нозукбаён дар қатори зикри самараҳои сиёсати созандаву хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, зинда кардани бовару эътиқоди мардум: бовару эътиқод ба аслу асолат, мақому манзалат, вазифаву рисолат, нерую қудрати хешро аз ҳама муҳим арзёбӣ мекунад. Бовару эътиқод ба он, ки ин мардум ҳазоронсола таърихи пурифтихор дорад ва арзандаи он аст, ки дар сафи халқҳои созандаву мутамаддини ҷаҳон сарбаланду арҷманд қадам бизанад ва парчамаш бар фарози волотарин созмонҳои ҷомеаи башарӣ парафшону партавафшон бошад.

Нигоштаҳои зерини донишманди ватанӣ, профессор Ятимов С.С. фарогири аҳамияти ҳаётии пос доштани нақши шахсияти бузурги миллӣ, сар-ҷамъию иттиҳод атрофи ғояҳои рушдбахшанда ва дастуроти мактаби давлатдории Пешвои миллат аст: Шахсияти бузурги миллӣ дастоварди бузурги миллат аст. Аз таҳлили таҷрибаи инсонӣ бармеояд, ки тақдири ҷамъияти инсонӣ ҳам, мисли раванди зуҳуроти табиат, дар маҷмуъ, ниҳоят мушкилфаҳм ва баъзан пешгӯинашаванда аст. Шахсиятҳои бузурге, ки барои миллати хеш таърихофар ҳастанд, дар сад, дусад, панҷсад сол ва ё зиёда аз он, як маротиба рӯи саҳна меоянд. Онҳо кореро анҷом медиҳанд, ки каси дигар даҳсолаҳо, садсолаҳо ба субут расонида наметавонист. Барои миллати тоҷик чунин Шахсият баъд аз ҳазор сол насиб гаштааст. Аз ин фурсати таърихӣ бо Сухан, бо Қалам, муҳимтар аз ҳама, бо Қадам, огоҳона, дастҷамъона истифода бояд кард.

Иқдомҳои фарҳангпарварона, ислоҳоти соҳаи маориф, тақвияти инфрасохтори соҳаи варзиш, ташкили китобхонаҳо, роҳандозии озмунҳо ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, сафарбарсозии ҷавонон барои таҳсил дар донишгоҳҳои бонуфузи хориҷи кишвар ва дигар ташаббусҳои Ҳукумати мамлакат буд, ки имрӯзҳо иштироки фаъолонаи ҷавонон дар раванди ободкориву созандагии Ватани муқаддасамон бараъло мушоҳида шуда, иддае дар олимпиадаҳои варзишиву фанни байналмилалӣ парчамбардори кишвари азизамон ҳастанд.

Ғамхориҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат, бевосита панду насиҳат ва роҳнамоиҳои падаронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо фарзандони саодатманди миллати куҳанбунёд, ҷавонони шарафманди кишвари соҳибистиқлоли рӯ ба пешрафтро водор месозад, ки ба боварииву эътимоди Пешвои хирадоини хеш сазовор буда, дар шароити сиёсии ниҳоят мураккабу печидаи ҷаҳони муосир ва манфиатҳои геополитикии абарқудратҳо беш аз ҳарвақта зиракии сиёсиро ҳифз намоем, атрофи ғояҳои сулҳу ваҳдати миллӣ сарҷамъу муттаҳид бошем, пайи татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар, дастуру супоришҳои Сарвари оқилу нектадбир камари ҳиммат баста, дар муаррифии давлати миллӣ, ҳифзи арзишҳои истиқлолият ва рушди Тоҷикистони азиз беш аз пеш саҳмгузор бошем. Ҳар як порча замини муқаддаси ин диёри биҳиштосову фарзонахез, мулки аҷдодиву армонии гузаштагони боасолату шарафмандро ба ҳиммати ҷон ҳам бошад сарбаландона ҳифз намоем.



**Самариддинова ЗАЙНАБ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, декани факултети физика ва математика**

*Эй ки пурсӣ, ки «беҳтарин кас кист?»*
*Гӯям аз қавли беҳтарин касон:*
*Беҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ,*
*Беш бошад ба халқ нафърасон!*
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Миллати тоҷик дар мароҳили аввали соҳибистиқлолӣ рӯзҳои сангину сахтеро паси сар карда, ба гирдоби офату сахтиҳои вазнин гирифтор шуд. Хушбахтона, бо тадбиру заковати хирадмандона ва дурандешии Пешвои худ аз миёни туғёни пурталотуми ҳаводис бенуқсон берун омад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғози роҳбарӣ ба кишвар дар шароити мураккаби ҷумҳурӣ бо назари некбинонаи худ ба дастгирӣ ва мақому манзалати занон таваҷҷӯҳи хоса дошт.

Нуфузи имрӯзаи кишвари азизамон дар арсаи ҷаҳонӣ баланд гардидааст, ки он самараи талошҳои пайгиронаи Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад, ки тасвираш дар сухан намеғунҷад.

Самараи талошҳову дастгириҳои беназири Пешвои миллат буд, ки имрӯз зани тоҷик аз минбарҳои баланди созмону мақомоти гуногуни кишвар ва байналмилалӣ садо баланд карда, аз ҳуқуқҳои хеш дифоъ ва аз музаффариятҳои худ ифтихор менамоянд. Бо саъю талошҳои пайвастаи Пешвои миллат буд, ки Тоҷикистон ба ҳайси узви Комиссияи СММ оид ба мақоми занон пазируфта шуд, ки ин эътирофи сиёсати пешгирифтаи ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ки боз як гоми устувор дар самти татбиқи сиёсати гендерӣ арзёбӣ мегардад.

Таҷлил аз Рӯзи Президент дар кишвар бастагӣ ба талашҳову корномаи бузургу бемисли Пешвои муаззами милат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эъмори давлатдории миллӣ дорад ва он дар тарбияи ватандӯстиву меҳанпарастии ҷавонон нақши муассир хоҳад гузошт.



**Зулфиев ГАДОМАД- номзади илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтрам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити кунунӣ ва авзои печидаи ҷаҳони муосир яке аз симоҳои меҳварии арсаи сиёсат-ҳои бузурги байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз замоне ки ба саҳнаи сиёсат қадам гузоштанд, ба ҳамагон собит сохтанд, ки ҳамеша тарафдори халқ, ҷонибдори ободиву осоиштагӣ ва сулҳу ваҳдати натанҳо Тоҷикистони соҳиб-истиқлол, балки ҷонибдори ҳамдиливу ҳамраъйӣ ва суботу оромиши кулли бошандагони сайёраи заминанд. Дар воқеъ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тимсоли барҷастаи неруи некиву рӯшноӣ бар қувваи бадиву тирагист. Дар фазои ошуфтаву нобасомони ҷаҳони имрӯза, ки паёмаду оқибатҳои он норавшану номуайян аст, на

*Ғурбат маписандед, ки афтед ба зиндон,*
*Берун зи ватан по магузоред, ки чоҳ аст.* Соиб



# ТАЪРИХОФАРИ МИЛЛАТ

ҳар роҳбари сиёсии абарқудраттарин давлатҳои ҷаҳон ҷуръати ошкор сухан гуфтану мавқеи хешро муайян намуданро доранд, Президенти ҷасуру тавоно ва инсондӯсту адолатхоҳи Тоҷикистон - муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз баландтарин минбарҳои бонуфузи ҷаҳон бо ҷасорат ва эҳсоси баланди инсонгароёна ғосибону қудратталабонро маҳкум намуда, ҷонибдории хеш ва кулли мардуми сулҳпарвару ваҳдатофари Тоҷикистонро ҷиҳати ба таври мусолиҳаомез ҳал намудани ҳама гуна низову нофаҳмӣ иброз медоранд.

Аз ин лиҳоз, Пешвои маҳбуби мо, Пешвои тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дигар як фарди маъмулӣ нест, Ӯ таҷаллии дурахши кулли Тоҷикони ҷаҳон, ҳимоятгари тамоми ранҷдидагону азияткашидагон аст, нидояш овози халқ, каломаш маънии зиндагӣ, дастураш қомуси ҳаёт аст, ҳастияш рамзи давлатдории миллии тоҷикон ва давлату давлатдориаш намунаи ибрати давлатмардон аст.



*Расулова ЛУТФИЯ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисод ва идора*

Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз оғози фаъолияти босамари хеш ба ҳайси Сарвари давлат роҳ ба сӯи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоиро интихоб намуда, дар ин ҷода азму талоши беандоза намуданд.

Дар баробари ба сари ҳокимият омадани Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон корҳои азими бунёдкориву созандагӣ шурӯъ гардида, ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ оғоз гардид, ки дар ин самт, як қатор стратегия ва барномаҳои давлатӣ қабул гардиданд. Дар солҳои Истиқлоли давлатӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки бо роҳи амалӣ гардидани ин стратегия ва барномаҳо рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар ба дастовардҳои бузург ноил гардад.

Нишондиҳандаҳо гувоҳанд, ки рӯз то рӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳу сифати зиндагии мардум хубтару беҳтар шуда истодааст.

Сарвари давлати мо, Тоҷикистонро ҳамчун кишвари сулҳ-офару дар ҳалли масоили ҷаҳонӣ пешоҳанг муаррифӣ месозанд. Яке аз дастовардҳои нодири даврони соҳибистиқлолӣ, ки ба шарофати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон насиби мо гардид, ин аз хатари нестӣ наҷот ёфтани давлатдории миллии тоҷикон мебошад.

Фаромӯш набояд кард, ки симои имрӯзаи тамоми минтақаҳои Тоҷикистон бо заҳмату талошҳои Пешвои миллат аз солҳои пеш аз истиқлолият ба куллӣ фарқ мекунад, сатҳи зиндагӣ, фаҳмишу идроки мардум ҳам дар сатҳи зарурии замонавӣ боло рафтааст. Таҷриба нишон дод, ки сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт натиҷаи хуб дошта, барои ҳар як шаҳрванд имконияти мусоиди кор ва фаъолият фароҳам оварда шуда истодааст.



*Исупов ДИЛШОД- номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, декани факултети химия, биология ва география*

Дар марҳилаи нави давлатдорӣ Тоҷикистони азиз маҳз бо шарофати сиёсати ватандӯстонаву хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба комёбиҳои назаррас ноил шуда, дар аксари соҳаҳои ҳаётан муҳимми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ пешравиҳои назаррасро соҳиб гардидааст.

Дар робита ба бузургиву давлатдории Пешвои муаззами миллат сари андеша фуру рафтану баён доштан лозим меояд, ки агар Исмоили Сомонӣ ҳамчун асосгузори аввалин давлати тоҷикон ва ҳомии забон, илм, маърифат, маданият, фарҳангу адаби миллати тоҷик маъруф гашта бошад, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз бузургтарин абармардони таърих аст, ки на тан-ҳо давлати навини тоҷиконро дар шароити ниҳоят мураккаб ва фоҷиабори ҷанги таҳмилии дохилӣ, парокандагии миллӣ, рақобати шадиди геополитикӣ асос гузошт. Балки дар роҳи эҳё ва ҳифзи арзишҳои миллӣ-таърих, забони модарӣ, маданият, фарҳанг, фидокориҳои бемисл нишон дод. Бо ибораи дигар, баробар бо наҷоти миллат нак-ши наҷотбахши забони ӯро низ ба ҷо овард. Қаҳрамони Тоҷикистон Президенти маҳбуби кишвар дар осмони сиёсати байналмилалӣ ҳамчун ситораи дурахшон ба ҷаҳониён нурпошӣ менамояд.

Ҳамин аст, ки дар давраи нави давлатдорӣ номи Эмомалӣ Раҳмон бо номи Тоҷикистон ва номи Тоҷикистон бо номи Эмомалӣ Раҳмон тавъаманд.



*Шарифзода ОДИНАМО, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, декани факултети филологияи рус*

Бо шукргузорӣ аз Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ мо мардуми сарбаланди тоҷик имрӯз дар як фазои сулҳу суботи кишвар зери парчами якдилию якдигарфаҳмӣ умр ба сар бурда истодаем.

Халқи тоҷик Асосгузори сул-ҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро абармарди сиёсат мебинанд ва ӯро чун ҷилои дурахшону Пешвои бемисл медонанд. Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оинаи таърих ва рӯшноидиҳандаи халқи тоҷбарсар, фархундатабори насли ориёӣ ва ориёнажоди аҳли башар аст.

Аз ин рӯ, эътимоди мо аҳли маорифчиёни тоҷик ба Пешвои миллат басо қавӣ ва беинтиҳост, зеро Президенти мамлакат илму маорифро ҳамчун самти афзалиятнок ва стратегии пешрафти кишвар арзёбӣ мекунад ва барои маърифатнокии аҳолии мамлакат ва тадриҷан беҳтар намудани аҳволи иҷтимоии кормандони соҳаи илму маориф мунтазам тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Барои инсони комил басо равшану намоён аст, ки аз Паём то Паём дар соҳаи маориф ҷиҳати бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва таҷдиду барқарорсозии онҳо дигаргуниҳои зиёде ба амал меоянд, мактабҳо бунёд ва азнавсозӣ мегарданд.

Бо маротиб зиёд намудани музди меҳнати кормандони соҳаи илм, афзун гардидани маоши омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олии касбӣ, бо сифати баланд интишор ёфтани китобҳои дарсӣ, бо лавозимоти зарурӣву компютерҳо таъмин шудани муассисаҳои таълимӣ дар роҳи фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи самарабахши насли наврас мебошад.

Дар ин росто мо аҳли зиё ва мардуми бонангу номус ва ватандору ватансози Тоҷикистони азизро мебояд, ки барои пойдориву ягонагии Истиқлоли давлатӣ, мустаҳкам кардани аркони давлатдории навини тоҷикон, ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ ва баланд бардоштани мақому обрӯи Ватани азизамон дар арсаи ҷаҳонӣ пайваста саъю талош намоем.



*Фатҳуллозода АБДУХОЛИҚ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молиявию иқтисодӣ*

Истиқлолияти давлатӣ барои миллати тоҷик осон ба даст наомадааст. Пас аз ба даст овардани истиқлолият хоинону бадхоҳони миллати тоҷик фазои амнияти давлату ҳукуматро ноором сохта, кишварро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд. Бадбахтона, ин ҷанги бародаркуш ҷони зиёда аз 150 ҳазор мардуми Тоҷикистонро рабуда, ба иқтисодиёти кишвар то 10 млрд доллари ИМА зарари моливу пулӣ расонид. Аз таъсири манфии ҷанг бештар аҳолии осоишта зарар дида, то соли 2000-ум сатҳи камбизоатӣ ба 83% мерасид. Барои бартарафсозии ҳама ин нокомиҳо ва ҳалли мушкилоте, ки бар сари миллати тоҷик омада буд, Эмомалӣ Раҳмон чун ҳадяи бузурги таърих ва марҳами дарди ин миллати азияткашида ба майдони сиёсат ворид шуд. Эмомалӣ Раҳмон, барҳақ, ба мисли ҳадяи бемисли таърих бо корномаи худ дар масири давлатдориву давлатсолорӣ барои миллат тоҷик таърихсоз шуд.

Аз рӯзҳои аввали зимоми роҳбарии миллати тоҷикро ба ӯҳда гирифтан Эмомалӣ Раҳмон бо ҷуръати том чунин гуфта буданд: "Ман ё дар Тоҷикистон сулҳро барқарор менамоям, ё дар ин роҳ ҷони худро медиҳам". Ин фарзанди фарзонаи миллат ба ваъдаи худ дар назди миллати содиқ истода, барои миллати ҷангзадаи мо сулҳ овардаанд. Мардуми тоҷик заҳматҳо ва ҷонфидоиҳои ин марди ҷасурро ба инобат гирифта ба вай аз 25-уми декабри соли 2015 унвони фахрии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллатро сазовор донистанд.

Таҷрибаи сулҳи Тоҷикистонро дар сар то сари ҷаҳон муҳаққиқону коршиносони соҳаи сиёсат меомӯзанд. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон на танҳо дар заминагузории сулҳ дар Тоҷикистон, балки дар аксар кишварҳои ҷаҳон назаррас аст.

Шоиста ва боиси ифтихор хоҳад шуд, агар бо назардошти корномаи сулҳофарӣ номзадии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикис-тон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои "Мусоидат дар пойдор намудани сулҳ дар сар то сари ҷаҳон", ки яке аз панҷ банди Васиятномаи Алфред Нобел маҳсуб меёбад, ба Академияи илмҳои Шоҳигарии Шведсия, Асамблеяи Нобелии институти Каролин ва Кумитаи нобелии Норвегия ҷиҳати сазовор гардидан ба Ҷоизаи Нобелӣ пешбарӣ карда шавад.



*НАВРУЗ Носирӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ*

Ҳамасола дар кишвари маҳбубамон Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоишҳову ҷашнвораҳо ва пос доштани арзишҳои миллиамон таҷлил карда мешаванд, ки ин нишонаи олии арҷгузорӣ ба гузашта, имрӯза ва ояндаи фарзонафарзандони миллати тоҷик дар тули асрҳо мебошад. Гарчанде ки ҳамаи ин чорабиниҳо барои шинохт ва асолати миллат ҷойгоҳи махсуси худро доранд, "Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар ин миён ба худ мақоми махсусро касб менамояд.

Рӯзи 16 ноябр ҳамчун "Рӯзи Президент" асосҳои ба худ хосро доро мебошад, зеро аз ибтидои ҳамин рӯзи тақдирсоз ва муайянкунандаи оянадаи рушди Тоҷикистон марҳилаи нави муҳими давлатдорӣ оғоз ёфта, Президенти тозаинтихобгардида ба иҷрои вазифа шурӯъ намуданд.

Агар мо ба корнамоиҳо ва муҳимтарин тасмимҳои Пешвои миллат назар кунем, ҳамчун сиёсатмадори барҷаста ва хулосаҳои муаллифон нигарем ба чунин ҷамъбаст ва натиҷагирӣ метавон расид, ки онҳо мӯҳтавои фаъолияти пурсамар ва назарраси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ташкил медиҳанд: хотима бахшидан ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, истиқрори сулҳу ваҳдат, оромӣ ва субот дар ҷомеаи имрӯз; тақвияти пояҳо ва рукнҳои асосии давлатдории миллӣ, барқарорсозии ниҳодҳои ҳукумат, шохаҳои ҳокимияти сиёсӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, қонуният, адолат ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат; ислоҳоти конститутсионӣ, низоми ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули Конститутсияи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол, иқдом ва ташаббус дар самти эҷод ва қабули қонунҳои нави миллӣ;. таъмини рушди устувори ҷомеа, пешрафти иқтисодиёт, боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ; таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар, аз байн рафтани маҳдудиятҳо дар таъминоти барқ; аз бунбасти ком-

(Идомааш дар саҳифаи 10)

*Пешвои мо ҳабибу ғамгусори миллат аст,*
*Ибтикору корҳояш ифтихори миллат аст. Содиқ Завқӣ*

Анвори дониш
№8 (344), ЧОРШАНБЕ, 22.11.2023

# АНДЕШАҲОИ ШАХСИЯТҲОИ ТАЪРИХӢ ПЕРОМУНИ ҲАЙСИЯТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН





*Владимир ПУТИН*
*Президенти*
*Федератсияи Россия*

«Эмомалӣ Раҳмон яке аз симоҳои барҷаста буда, дар байни сиёсатмадорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Ин беҳуда нест. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар ҳеҷ як мамлакате, ки чунин вазъияти муташанниҷ дошт, дида намешуд. Ҳар он чи оид ба ин масъала дар Тоҷикистон амалӣ гардидааст, мисоли хубест барои бисёр халқҳову мамолики дигар».



*Абдуллоҳ бин АБДУЛАЗИЗ оли САУД,*
*Шоҳи Арабистони Саудӣ*
*(солҳои 2005 - 2015)*

«Мо, ҷаноби Президент, Шуморо аз ҳар каси дигар дида бештар дуст медорем ва эҳтиром мекунем, чунки Шумо ба шарофати сиёсати хирадмандона ва амалҳои қатъии худ дар сарзаминатон сулҳу суботро барқарор кардед, миллататонро аз вартаи шикастагӣ ва ҳалокат наҷот додед.

Бар дӯши Шумо масъулияти сарнавишти халқи ба мо бародар, ки бо таърихи куҳанбунёди худ ва фарҳанги ғаниаш машҳур аст, вогузор шудааст ва иштироки Шумо имрӯз дар нишасти 10-уми сарварони давлатҳои аъзои Созмони конфронси исломӣ ин арҷгузорӣ ба саҳми таърихии ҳамватанони шумост».



*Шавкат МИРЗИЁЕВ,*
*Президенти Ҷумҳурии*
*Ӯзбекистон*

«Мо дар Ӯзбекистон Шуморо ҳамчун ходими намоёни давлатӣ ва роҳбари таҷрибадоре, ки худро саропо ба хизмати халқу кишвараш бахшидааст, мешиносем. Тоҷикистон зери роҳбарии хирадмандонаи Шумо дар бунёди давлатдорӣ ва сохти иҷтимоӣ ба муваффақиятҳои калон ноил гардид. Сатҳ ва сифати зиндагии мардум ба таври назаррас боло рафта, нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ пайваста таҳким меёбад. Бо қаноатмандии амиқ мехоҳам, иброз дорам, ки Шумо ҳамчун дӯсти самимии Ӯзбекистон, ҷонибдори устувори рушд ва таҳкими шарикии бисёрҷабҳаи кишвари мо ба пешрафти ҳамаҷонибаи муносибатҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон мусоидат мекунед».



*Дзян ДЗЕМИН*
*Раиси Ҷумҳурии Мардумии*
*Чин (солҳои 1993-2003)*

«Халқи Тоҷикистон бо сарварии Президент Эмомалӣ Раҳмонов бо итминон вориди ҳазорсолаи сеюм мешавад. Саъю кӯшишҳои Сарвари давлати тоҷикон ҷиҳати таҳкими ҳамкорӣ бо кишварҳои осиёӣ ба ҳама маълум аст. Мо ҳама ҷонибдори сулҳ, ризоят ва рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошем».



*Чионг Тан ШАНГ*
*собиқ Президенти*
*Ҷумҳурии*
*Сотсиалистии Ветнам*

«Бо таваҷҷуҳи зиёд ва хушнудӣ аз дастовардҳои мардуми Тоҷикистон дар самти субот ва рушди кишвар, ҷониби Ветнам мутмаин аст, ки зери роҳбарии Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муваффақиятҳои бештар ва ба нафъи мардуми тоҷик дар самти сулҳ ва, дар маҷмуъ, пешрафти минтақа ноил хоҳад гашт».



*Чингиз АЙТМАТОВ*
*барандаи Ҷоизаи ленинӣ*
*ва Ҷоизаи давлатии*
*ИҶШС, Қаҳрамони*
*Меҳнати Сотсиалистӣ*

«Дар симои Президент Эмомалӣ Раҳмон ман тимсоли ҳақиқии мардуми тамаддунофари тоҷикро мебинам ва бо итминон таъкид менамоям, ки ин бузургвор бо зинда кардани номҳои алломаҳои миллат номи худро низ ҷовидонӣ мегардонад. Зеро танҳо сулҳу осоиштагӣ, тинҷию фаровонӣ оварданаш ба рӯзгори одамон ӯро ба мақому манзалати олӣ баровардааст. Аз тоҷики бузургвор дигар чизро умедвор шудан ҳам нашояд».



*Александр ЛУКАШЕНКО*
*Президенти*
*Ҷумҳурии Беларус*

«Тоҷикони шуҷоъ ва заҳматкаш, боистеъдод ва меҳмоннавоз мустаҳақи ифтихор аз Президенти худ Эмомалӣ Раҳмонов мебошанд.

Сиёсати хирадмандонаи пешгирифтаи ин инсон, бори дигар таъкид мекунам, кишварро ҳифз намуд, сулҳу оромиро ба ин сарзамин овард. Ва ба ин на танҳо шумо арҷ мегузоред. Мо ҳама - дар ИДМ- ба ин кори наҷиб арҷ мегузорем. Зеро сулҳ ва оромӣ дар ин замин - ин сулҳу оромӣ дар Беларус, дар Россия ва дар дигар давлатҳо мебошад».



*Ван ДЗЯБАО,*
*Садри аъзами Шурои*
*давлатии Ҷумҳурии*
*Мардумии Чин*
*(солҳои 2003 - 2013)*

«Солҳои охир тахти роҳбарии Президент Эмомалӣ Раҳмонов халқи тоҷик аз кӯраи мубориаи якдилона ва пайгирона гузашта, мусолиҳаи миллӣ, суботи сиёсӣ ва некуаҳволии иҷтимоиро таъмин намуд. Дар натиҷа, иқтисодиёти кишвар неруманд мешавад, муносибатҳои хориҷӣ густариш меёбанд ва дар соҳоти сохтмони умумимиллӣ муваффақиятҳои азим ба назар мерасанд. Ҷумҳурии қадимбунёд ва дар айни замон ҷавони Тоҷикистон уфуқҳои нави рушди миллиро боз мекунад ва саҳифаи пурифтихорро дар таърихи худ сабт менамояд. Ҳамчун ҳамсояи нек, дӯсти дерин ва шарики боэътимод мо аз ин ҳама самимона шодӣ мекунем».



*Адриенна КЛАРКСОН, генерал-губернатори Канада (солҳои 1999 - 2005)*

«Ибтикори муҳим ин бунёди ҷомеаи озод ва демократӣ барои халқи Тоҷикистон мебошад. Ҳукумати Эмомалӣ Раҳмонов бо талошҳои доимии худ дар самти таъмини оияндаи осоишта ва мусоид барои шаҳрвандони кишвар ба пешрафт ноил гардид».

# НИГОҲЕ БА НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ИҶЛОСИЯИ XVI





*Нурсултон НАЗАРБОЕВ,*
*собиқ Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон*

«Эмомалӣ Раҳмонови мухтарам! Дар ин марҳилаи барои ҷумҳурии шумо бисёр ҳассос интихоб шуданатонро ба мақоми Раиси Шурои Олӣ табрик мегӯям. Бо изҳори қаноатмандӣ оғози иҷлосияи порлумони ба созишу ҳамдигарфаҳмӣ муваффақшударо шунида, қарорҳои қабулкардаи ҳукумати қонуниро эҳтиром менамоям. Аз фурсат истифода бурда, ба намояндагии халқи қазоқ мехостам изҳори боварӣ намоям, ки мардуми тоҷик ба марҳалаи муътадилгардонии равандҳои вазъият дохил мешавад. Аз ҳамаи нерӯҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳо, одамҳои миллатҳои гуногуни сокини Тоҷикистон даъват ба амал меорем, ки зиддиятҳои мусаллаҳона, ҷанги бераҳмонаю бемаъсади бародаркӯширо бас кунанд, зеро дар ин набардҳои бемаънӣ одамони бегуноҳ ба шаҳодат расиданд».



*Борис Елтсин,*
*собиқ Президенти Федератсияи Русия*

«Мухтарам Эмомалӣ Шарифович!
Табрикоти самимии маро ба муносибати Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданатон қабул фармоед. Мутмаинам, ки роҳбарияти нави Тоҷикистон дар роҳи қатъи хунрезӣ ва сар кардани раванди мусолиҳаи миллӣ ба хотири бо роҳи сиёсӣ яктарафа кардан ва ба эътидол овардани вазъияти кишвар тамоми тадбирҳои заруриро меандешад.
Хоҳиши дар муроҷиатномаи Иҷлосияи Шурои Олии Тоҷикистон аз 19-уми ноябри соли 1992 зикрёфтаро дар бораи таъсиси нерӯҳои дастаҷамъии посдори сулҳ ҷонибдорӣ мекунам. Ба ин муносибат роҳбарияти Россия ба раисони ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон муроҷиат кард.
Хоҳиш дорам, аз номи ман ба намояндагони халқ дар бобати таҳияи барнома аз қайди бӯҳрон баровардани кишвар ва таъмини тавофиқи миллӣ кори бомароми самарабахш орзу кунем».



*Абдулҳамид САМАД,*
*Нависандаи халқии Тоҷикистон (соли 2017)*

«Вақте ки Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар Хуҷанд идома меёфт, зиндагӣ ва рукнҳои давлатдорӣ қариб дар ҳама ҷо ончунон фалаҷ шуда буданд, ки ҳатто дар кӯчаву хиёбонҳои пойтахт аз ангушумор будани одамону нақлиёт кас ба даҳшат меафтод. Аз он рӯзҳои сиёҳу пурофат 25 сол сипарӣ мешавад. Бубинед, имрӯз натанҳо дар пойтахт ва маркази вилоятҳо, балки дар шаҳру деҳот низ одамон аз афзун шудани тамғаҳои гуногуни мошин ангушти ҳайрат мегазанд. Ин аст самараи сулҳу осоиш».



*Оролбой АБДУКАРИМОВ,*
*собиқ Раиси сенати порлумони Ҷумҳурии Қазоқистон*

«Сарзамини тоҷикон, ки гаҳвораи тамаддуни беназир ва қадимаи машриқзамин аст, дар таърихи бисёрасраи хеш шоҳиди ҳодисоти зиёд гардидааст. Ҳодисаҳои фоҷиабори соли 1992 дар ташаккули ин давлати нав мустақилшуда таъсири манфӣ расондаанд. Дар ин вазъ нақши муттаҳидсозиро ҷаласаи шонздаҳуми Шурои Олии Тоҷикистон ба анҷом расонд ва бо амалҳои қатъӣ тавонист нерӯҳои солими ҷомеаро ба ҳам биорад. Нуқтаи барои Тоҷикистон муҳим он шуд, ки дар ин ҷаласа Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Сарвари кунунии мамлакат аст, яъне Эмомалӣ Раҳмон интихоб шуд. Месазад аҳамияти байналмиллалии Иҷлосияи XVI-ро дар он бинем, ки шиддати муқобилияти ҷанги ҳамватании Тоҷикистонро коста, барои боздоштанаш заминаҳо муҳайё кард, ки дар ниҳоят барои амну субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат намуд».



*Сергей МИРОНОВ,*
*собиқ раиси Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ*

«Ба шарофати қарорҳои Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон адолату хусумат, ғаму ғусса, ки дар сарзамини кӯҳану кишвари пурфайз давом доштаанд, аз байн рафтанд. Сулҳ дар Тоҷикистон, чи тавре борҳо Президенти Русия Владимир Путин зикр кард, вазъияти муътадили минтақаро, ки ба он ҷо экстремизм ва терроризм ҷиддӣ таҳдид менамуд, устувор сохт. Аз ин рӯ, зуд ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ обрӯи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ боло бардошт.
Чораҳои қатъии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва пайравони ӯ имкон доданд, ки сулҳу низом пойдор, асосҳои давлатдорӣ мустаҳкам шаванд ва ислоҳоти иқтисодию сиёсӣ оғоз ёбад».



*Ҷорҷ БУШ,*
*собиқ Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико*

«Ҷаноби гиромӣ Раҳмонов! Иҷозат диҳед Шуморо ба муносибати Раиси Шурои Олии Тоҷикистон интихоб шуданатон муборакбод намоям. Ман сидқан бовар дорам, ки дигаргуниҳои мазкур ба амалиёти ҷангӣ дар Тоҷикистон хотима мебахшанд, имкон медиҳад, ки тартиботи ҷорӣ гардад, ҳамчунин ба тавлиди демократияи ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Мутмаинам, ки кӯшишоти Шумо барои ваҳдати тамоми мардумони кишвар равона карда мешавад. Ба ин мақсад маслиҳат медиҳам, ки ба муҳимияти адолати судӣ, ки тибқи меъёрҳои ҳуқуқи башар гунаҳгорони дар ҷинояткорӣ айбдоршуда мавриди таҳқиқ қарор хоҳад, эътибор бидиҳед. Зеро оғози коратон дар мансаби баланд Шуморо назди як қатор масъалаҳои муҳими хусусияти инсондӯстӣ дошта қарор дод.
Ҳукумати ИМА тайёр аст, ки ҳамкориро бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон идома диҳад, ба Шумо ёрии башардӯстонаю беғаразона расонад».



*Александр ВОЙТОВИЧ,*
*Раиси Шӯрои ҷумҳуриявии Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Беларус*

«Иҷлосия XVI Шурои Олӣ гардиши куллие дар бартарафсозии бӯҳрони сиёсӣ, мустаҳкам гардониданни давлат маҳсуб меёбад. Дар ин муддат оид ба халъи силоҳ, безараргардонидани гурӯҳҳои гуногуни мусаллаҳ, ки қатлу куштор, зӯроварӣ пешаи онҳо буд, корҳои зиёд ва душворе ба ҷо оварда шуд. Маҳз амалӣ гардонидани чунин тадбирҳо сабаби пойдор ва мустаҳкам гардонидани давлати Тоҷикистон гаштанд ва ба бунёдкории халқ асос гузоштанд. Талошу кӯшишҳои Сарвари давлати Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва тарафдорони ӯ дар як вақт ҳам мубориза барои ояндаи кишвар ва ҳам алайҳи терроризми байналмиллалӣ буд».

# ҶАШНИ МУҚАДДАСИ ТИРАМОҲӢ

*(илҳом аз таҷлили Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)*

Субҳгоҳон... Тирезаро мекушоям ва ҳавои тозаю серуни тирамоҳиро нафас мекашаму меандешам: “Имрӯз ҳавои хеле хубе хоҳад шуд”.

Аслан, фасли тирамоҳро хеле дӯст дорам, махсусан моҳи ноябрро. Табиат як афсун ва як сукути аҷибе дорад. Ҳаво он қадар гарми гарм ва на хунук аст. Рӯзҳо кӯтоҳ, вале офтобак гармакаку “хандон” аст. Ҳар як барг бо рангу ҷилои нотакрор аз зебоиии хеш дарак медиҳад. Ҳар як барг “видоъкунон” моро хушдор медиҳад, ки умр кӯтоҳ асту онро барабас нагузаронем. Қадри зиндагӣ, модар, падар ва Ватани хешро донем.

...Набзи тирамоҳро метавон дар сайру тамошои шаҳри азизамон Кӯлоб эҳсос кард, “ғавғо”-и паррандагон дар шохи дарахтони боғи шаҳр, хишир-хишир садо додани барги дарахтон дар зери пой, якто-якто “хайрбод” гуфтани барги дарахтон бисёр мафтункунанда аст.

...Аз радиои боғи марказии шаҳр дар бораи ҷашну идҳо дар моҳи ноябр дар робита ба эҳёи бузургони гузаштаи халқамон ва пос доштани арзишҳои миллии мардуми тоҷик сухан меравад. Ман қадамзанон ба овози ровӣ гӯш меандозаму ба худ мегӯям:

-Бале, дар ҳақиқат, моҳи ноябр барои мардуми азизи Тоҷикистон се ҷашни муқаддас дорад: Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниҳоят Рӯзи Парчами Тоҷикистон. Ҳамаи ин ҷашнҳо дар Тоҷикистон ҷойгоҳи махсуси худро доранд, вале “Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки ҳамасола 16 ноябр дар саросари кишвар таҷлил карда мешавад, мақоми хоси худро дорад.

Барои хурду бузурги Тоҷикистони азиз рӯзи 16 ноябр рӯзи маъмулӣ не, балки рӯзи таърихист, зеро 16 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ва боз он ҳам дар чӣ ҳоле?... Бале... дар он ҳоле, ки Ватан оғӯштаи хуни фарзандони хеш буд... Модари тоҷик фарзанд гум кардаву гӯшнаю овораю дар ба дар мегашт... Овози ҷонхароши гир-яву нола қариб, ки аз ҳар хонадон шунида мешуд... Дар кӯчаҳои шаҳр шаб кучо, дар рӯз гаштугузор кардан ҳам мумкин набуд...

Магар мешавад он рӯзҳоро ба боди фаромӯшӣ супурд?! Магар мардуми кишвари азизи Тоҷикистон ҳақ дорад, ки он рӯзҳоро аз ёд бубарад?! На!

Ва ана дар ҳамин рӯзҳои ҳассосу мушкил ва сарнавиштсоз Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониб вакилон ба ҳайси раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Тоҷикистон як қадам ба сӯи “умед”, як қадам ба сӯи “наҷот” гузошт. Марҳилаи навини давлатдории тоҷикон шуруъ шуд.

Ҳамин тавр, 16 ноябри соли 1994 Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди халқу ватан савганд ёд кард.

Хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ, оромию субот дар Ватан, тақвияи додани рукнҳои давлатдории миллӣ, иқдом ва ташаббусҳо дар самти ҳалли масъалаҳои глобалӣ оид ба об, дипломатияи об ва ҷонибдории он аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташаббус дар ҳалли қазияи Афғонистон, боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, обод намудани роҳҳои кишвар, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, сиёсати дарҳои кушод ва муносибати дӯстона бо кишварҳои олам ва ниҳоят таҳкими худшиносӣ, худогоҳӣ, ҳувввияти миллӣ ва эҳёи суннатҳои таърихиву фарҳангӣ аз хизматҳои бузурги Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Ва ҳамин хизматҳои шоёни сарвари мамлакат Эмомалӣ Раҳмон буд, ки 15 апрели соли 2016 вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мавриди ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» баррасӣ ва қабул карданд. Ва инак, ҳар сол 16 ноябр чун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда мешавад.

16 ноябр дар ҳақиқат ҷашни бузурги тирамоҳист. Ҷашни бедорӣ, ҷашни масъулият ва бурдборӣ, ҷашни ҷоннисорӣ ва ҷашни дӯст доштани Ватан. Дӯст доштани Тоҷикистон азиз, дар пайравӣ ба Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, саҳми хешро гузоштан дар ободию пойдории Ватан. Хушёрию зиракии сиёсиро аз даст надодану барои ҳифзи Ватан ҳамеша омода будан.

Ва ба ҳамин хотир мегӯям: Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи ҳамватанон муборак бод!

> Хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ, оромию субот дар Ватан, тақвияи додани рукнҳои давлатдории миллӣ, иқдом ва ташаббусҳо дар самти ҳалли масъалаҳои глобалӣ оид ба об, дипломатияи об ва ҷонибдории он аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташаббус дар ҳалли қазияи Афғонистон, боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, обод намудани роҳҳои кишвар, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, сиёсати дарҳои кушод ва муносибати дӯстона бо кишварҳои олам ва ниҳоят таҳкими худшиносӣ, худогоҳӣ, ҳувввияти миллӣ ва эҳёи суннатҳои таърихиву фарҳангӣ аз хизматҳои бузурги Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.



**НОҲИРАИ Ҳақназар**, *ассистенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

*(Идома аз саҳифаи 7)*

Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят васеъ ва доманадор аст, ки қалам тавони рақамзании онҳоро надорад, чунки Президени мо марди олиму оқилу фозилу хирадмандест, ки давлатро аз фаноёбӣ наҷот дода, мардумро атрофаш мутаҳҳид ва ба қалби мардумаш шӯълаи умедро бедор ва бо қадамҳои қатъӣ ба сулҳу осоиш, рушду суботи минбаъда ҳидоят намуд. Дар арсаи байналмилалӣ обруву эътибори мардуми шарафманди тоҷикро баланд бардошта халқи тоҷикро аз парокандагӣ наҷот дод. Бинобар ин, моро зарур аст, ки дар партави сиёсати ин абармарди таърих кору фаъолияти пурсамар намоем ба барои расидан ба ҳадафҳои судманди миллӣ аз тамоми имконот истифода намоем.

Рӯзи Президент муборак!



**Ҳусайнзода АМИНҶОН**, *номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, декани факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*

Ҳамасола дар ҷумҳурии азизамон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», ҷиҳати арҷгузорӣ ва эҳтиром ба манснад олии давлатӣ, эътирофи хиради азалӣ, фазилати сиёсатмадорию давлатдории навини кишвар, таъмин намудани сулху ваҳдати сартосарӣ ва болоравии эътибори мақоми сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҳалли порблемаҳои глобалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, ки дар маҷмӯъ ба фаъолияти босамари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад, рӯзи 16-уми ноябр ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон сарвари олии сиёсӣ дар ташаккули давлатдории навини тоҷикон, таҳкими истиқлолияти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ саҳми бузург гузошта, кишвари азизи моро ба роҳи рушду инкишоф ворид намуд.

Дар марҳилаи аввали истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пояҳои идораи давлатӣ, низоми сиёсию ҳуқуқӣ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд то андозае зери суол монда буд. Маҳз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти буҳронии сиёсии ҳамонвақта ба мансаби олии давлатӣ омада, кишвари ҷавони моро аз буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ раҳо кард.

Баъди ба мансаби Президенти интихоб шудан мухтарам Эмомалӣ Раҳмон корро аз гуфтушунидҳо бо гурӯҳи тундгарои мухолифин, оромсозии мавқеъҳои даргир, баргардонидании гӯрезаҳо аз давлатҳои ҳамсоя, ташкил ва ҷоннок кардани фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, бахотири нигоҳдошти истиқлолияти сиёсию давлатӣ шуру кард.

Мо халқи Тоҷикистон заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро сарманшаи хушбахтиву хушрӯзгорӣ дониста, онҳоро қадр менамоем, ҳамеша ҳамраъй ва ҳамсафари сиёсати пешрифтаи Ҷаноби олӣ мебошем.

Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак.

# "ПАРВОЗИ ШОҲИН"- ЭҲЁИ ДУБОРА



Маҳфили адабии “Парвози Шоҳин” яке аз маҳфилҳои адабии наз-ди факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Маҳфили мазкур солҳои қабл бо роҳбарии собиқ муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷики донишгоҳ, шоир - Абдулҳай Қаландар бо ҷалби шоирону нависандагон ва чеҳраҳои маҳбубу саршинос фаъолият намуда, дар тарбияи насли ҷавону донишпажӯҳ нақши назаррас дошт. Бо ибтикори ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Д.С. бо мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳфили адабии “Парвози Шоҳин” баъд аз муддате дубора эҳё гардида, аввалин ҳамоиши он санаи 14-уми октябри соли 2023 бо иштироки нависанда, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ - Маҷид Салим баргузор гардид.

Дар маҳфил ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовинони соҳавии реткор, Корманди шоистаи Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои филологӣ, рӯзноманигор, нависанда, тарҷумон, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон – Маҷид Салим, аҳли зиё ва устодону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.

Маҳфилро муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарофат Худойдодова, ки ровигии ҷорабиниро бар зимма доштанд оғоз намуда, меҳмононро хайрамақдам гуфтанд.

Сипас,ректори донишгоҳ профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек суханронӣ намуда, зикр карданд: “Устод Маҷид Салим аз зумраи адибон ва муҳаққиқони хушзавқи тоҷик аст, ки кори рӯзноманигорӣ ва қаламкаширо аз нашрияҳои маҳаллии минтақаи Кӯлоб оғоз намудааст. Тайи солҳои бисёр дар нашрияи “Адабиёт ва санъат”, шуъбаҳои наср, очерк, публисистика ва хазинаи адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон даст ба ормонҳои адабӣ зада ва дар Телевизиони Тоҷикистон ба таснифу пахши барномаи деринтизори “Ин-

сон ва табиат" дасту дилу рӯҳу завқашро баста буд. Аз ҳамон вақт ӯро ба сифати як нафар эҷодгари пурталошу нерӯманд дар арсаи нависандагӣ ва рӯзноманигорӣ шинохта ва ҷойгоҳашро хуш тамйиз карда будам. Ӯ як нависандаи ҳирфаии соҳибзавқ дар арсаи нигориши ҳаёти ҷонварон, ба таъбире ҷонварнигори моҳир ва соҳибтаҷриба аст ва табиати ҷонваронро дар адабиёт бо дониши бисёр баланд ва завқи бисёр хосу мумтоз офаридааст. Оне аст, ки илми бепаҳнои биологияро ба укёнуси адабиёт оварда ва дар пайвасти ин ду бисёр нодиракорӣ карда ва онҳоро ҷамъу ҷӯр кардааст".

Баъдан мудири кафедраи адабиёти тоҷик, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Холиқова Зайналбӣ маълумоти мухтасар роҷеъ ба зиндагиномаи Маҷид Салимро қироат намуданд. Инчунин номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик Содиқов Ёралӣ дар мавзуи "Баъзе масъалаҳои осори нависанда" изҳори назар кард.

Сипас, устод Маҷид Салим суханронӣ намуда, оид ба фаъолияти эҷодии худ, кору пайкор, сафарҳои кории худ, мазмуну мундариҷаи ҳикояҳои худ, ки пайваста дар бобИ ҳайвоноту набототи нодиру беназари ватани азизамон ба табъ мерасад, воқеаҳои ҷолибу хотирмони худ, ки дар рафти фаъолияташон дошганд қайд намуданд. Майлу рағбати зиёд доштанд ба оламИ вухушро аз овони кӯдакии худ дониста, аз деҳа ва оилаи худ ёд намуданд. Инчуни устод қайд намуданд, ки дастпарвари Донишгоҳи давлатии Кӯлоб буда, маҳз бо шарофат ва дастгириҳои пайвастаи устодони ин боргоҳи илму маърифат ба ҳамаи ин муваффақияту комёбиҳо ноил гаштаанд ва изҳори сипосу миннатдории бепоёни худро ба устодони Донишгоҳ расониданд.

Дар қисмати дигари маҳфил аз ҷониби гурӯҳи донишҷӯёни факултети филологияи тоҷик ва журналистика порчаҳо аз ҳикояҳои устод Маҷид Салим ироа гардид.

Иштирокдорони маҳфил ба нависанда, рӯзноманигор Маҷид Салим саволҳо дода, дар бораи фаъолияти эҷодияш ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

Дар фарҷом аз ҷониби Раёсати донишгоҳ ба устод Маҷид Салим тӯҳфаҳои хотирмон тақдим гардид. Ҳамзамон устод ба китобхонаи Донишгоҳ китоби тозанашри худ бо номи "Гавазн ва шикорчӣ"-ро тақдим намуданд.

# ИСТИҚБОЛИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ИЛМ-ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ" ДАР ДОНИШГОҲ



Озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фу-рӯғи маърифат» таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардида, бо мақсади амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ҳамчунин барои дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав дар ин самтҳо ба роҳ монда шудааст.

Санаи 28-уми октябр дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ маросими тантанавии ҷоизасупорӣ ба ғолибони даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Илмфу-рӯғи маърифат» баргузор шуд.

Дар озмуни мазкур 9 нафар донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи 7 номинатсия фаъолона иштирок намуда, дар натиҷа ду нафарашон аз рӯйи номинатсияи "География": Мадасани Азизмад, магистранти бахши 2-юми факултети иқтисод ва идора, сазовори ҷои 1-ум гардида, бо Диплом ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 35 000 сомонӣ ва Мирзозода Насиба, донишҷӯи курси 3-юми факултети иқтисод ва идора, сазовори ҷои 2-юм гашта, бо Диплом ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 25 000 сомонӣ қадрдонӣ шуданд.

Санаи 30.10.2021 дар вазъияти тантанавӣ ғолибонро дар саҳни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳ номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдусамадзода Эраҷ, муовини ректор оид ба тарбия дотсент Сафарзода Мунир, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафарҳон, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, дотсент Шарофат Худойдодова ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ бо як шукӯҳу шаҳомати хоса бо гулу гулдастаҳо истиқбол намуданд.





Раёсати донишгоҳ Мадасани Азизмад, Мирзозода Насиба ва омӯзгорону кормандони донишгоҳро барои ноил шудан ба ин дастоварди бузург самимона муборакбод намуда, дар корҳои минбаъдаашон барор мехоҳад.

Сипас, дар бинои маъмурии донишгоҳ ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Нахуст, ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек суханронӣ намуда, ғолибон ва роҳбарашонро барои расидан ба ин муваффақияти назаррас табрик намуда, дар корҳои минбаъдаашон барору комёбӣ хост. Ҳамзамон ректори донишгоҳ барои ин музаффарият ба Мадасани Азизмад қабули ройгон ба зинаи докторантураи PhD ва барои табодули таҷриба сафар ба давлатҳои хориҷӣ, инчунин ба Мирзозода Насиба қабули ройгон ба зинаи магистратураи Донишгоҳ пешниҳод кард. Дар ин баробар таъкид шуд, ки ғолибон ва роҳбарони онҳо аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ ҳавасманд гардонида шуда, дар самти корҳои илмию таълимияшон иқдомҳои тоза рӯйи даст гирифта мешавад.

Баъдан, ғолибони озмун миннатдории самимии худро ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳату ташкилу баргузории озмуни ҷумҳуриявӣ ва ба омӯзгорону ректори донишгоҳ барои дастгириашон баён доштанд.

# РУШДИ СИСТЕМАҲОИ ИДОРАКУНИИ ИННОВАТСИЯҲО ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Таҳти унвони мазкур санаи 21.10.2023 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси факултети иқтисод ва идора конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба эълон гардидани "Солҳои рушди саноат 2022-2026" баргузор гардид.

Пеш аз оғози конференс намои-ши маҳсулоти хушсифат ва рақобатпазири корхонаҳои саноатии шаҳр ба роҳ монда шуд.

Дар ҷаласаи ифтитоҳии конфронс муовинони ректор оид ба илим ва инноватсия, ҳайати роҳбарикунандаи донишгоҳ, профессорону докторон аз дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуданд.

Ҷаласаи ифтитоҳӣ бо сухани муқаддамотии муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон оғоз гардид. Зимни суханронӣ аз бузургтарин дастовардҳои давлату хукумати мамлакат, мардуми шарифи тоҷик ва махсусан донишгоҳ ёдоварӣ намуда, таъкид доштанд, ки ин ҳама бунёдкориву созандагӣ маҳз бо заҳмату талошҳои бевоситаи Пешвои муаззами миллат ба вуқӯъ пайвастааст.

Сипас, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Низомова Туфамо дар мавзуи "Нақши навовариҳо дар инкишофи корхонаҳои саноатӣ", номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Фасеҳзода Ислом дар мавзуи "Идоракунӣ ва рушди инноватсио-нии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои стратегӣ", дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Аҳмадов Раҳимҷон дар мавзуи "Такмили механизмҳои идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатии Тоҷикистон", дотсенти кафедраи молия ва қарз дар КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон Олимов А., дар мавзуи "Моҳият, қонуниятҳои таъсис ва сохтори кластерҳои агросаноатӣ", дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Наврӯз Носирӣ дар мавзуи "Механизмҳои дасгирии давлатии фаъолияти инноватсионии КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон" маърӯзаҳои худро ироа намуда, иброз доштанд, ки самараи Истиқлол аст, ки имрӯз мардуми ҷумҳурӣ ба натиҷаҳои баланд ноил гардида, бахри расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар нерӯ ва қувваи худро сафарбар кардаанд.



Маҷмуаи мақолаҳои илмии конфронс, ки аз ҷониби Раёсати донишгоҳ ба нашр расонида мешавад, зиёда аз 85 мақолаи олимону муҳаққиқонро дар бар мегирад.

*Ҷамъи ашку ҳарфи ҷашму хомаам*
*Шуд китоби меҳр- Меҳанномаам. М. Ғоиб*

Анвори дониш
№8 (344), ЧОРШАНБЕ, 22.11.2023

# МАҲФИЛИ АДАБӢ-ФАРҲАНГӢ БАХШИДА БА 60-СОЛАГИИ ЭҶОДИЁТИ ШОИРИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН ҲАҚНАЗАР ҒОИБ

Санаи 28-уми октябри соли равон дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳфили фарҳангӣ-адабӣ бахшида ба 60-солагии эҷодиёти барандаи Ҷоизаи далатии



Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб баргузор гардид.

Дар кори маҳфил ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, Шоири хал-қии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҳақназар Ғоиб, Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Абдулҳамид Самад, Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Камол Насрулло, мудири шуъбаи конститутсионии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудов Назрулло, сармуҳаррири рӯзномаи "Ҷумҳурият" Қурбоналӣ Раҳмонзода, шореҳи масъалаҳои иҷтимоии рӯзномаи "Ҷумҳурият" Абдуқодири Раҳим, сармуҳаррири рӯзномаи "СССР" Сайёфи Мизроб, ҳамчунин дигар шоирону адибони кишвар, устодону донишҷӯёни донишгоҳ ва дӯстдорони сухани ноб иштирок доштанд.

Маҳфили адабиро номзади илм-ҳои



филологӣ, дотсент Зулфиев Гадомад, ки ровигии маҳфилро бар уҳда дошт, кушода, ҳайати меҳмононро бо иштирокчиён шинос намуда, риштаи суханро ба ректори донишгоҳ дод.

Сипас, ректори донишгоҳ Раҳмон Дилшод Сафарбек дар баромади худ, қудуми шоирону адибони барҷаста ва иштирокдорони маҳфили адабиро ба донишгоҳ хайрамақдам гуфта, шоирро ба муносибати 60-солагии фаъолияти эҷодӣ табрику таҳният гуфта, иброз доштанд, ки Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб беш аз 60 сол аст, ки дар арсаи шеър хомаи тавонои хешро ҷавлон дода, худро дар ин талошгоҳ чун чеҳраи хоссаи адабиёти миллӣ ба хал-қу Ватан муаррифӣ менамояд. Ӯ аз зумраи адибони маҳбуби адабиёти муосири тоҷик аст, ки бо сабки хоси эҷодӣ дар Тоҷикистон ва берун аз он маълуму машҳур гаштааст.

Ҳамзамон, иштирокчиёни маҳфил, адибони маҳбуб Абдулҳамид Самад, Камол Насрулло, мудири шуъбаи конститутсионии Даст-гоҳи Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудов Назрулло ва дигарон суханронӣ намуда, адибро бахшида ба 60-солагии фаъолияти эҷодӣ табрику таҳният гуфта, доир ба паҳлуҳои фаъолияти густурдаи эҷодиёти шоир изҳори андеша намуда, нақши таълифоти адибро дар тарбияи худшиносиву худогоҳии насли наврас, арҷгузорӣ ба дастовардҳои давлатдориву давлатсолории муҳиму арзишманд маънидод намуда, иброз доштанд, ки адиб тавассути шеърҳо ғояҳои баланди ватандӯстӣ, инсонпарварӣ ва сулҳхоҳӣ, ишқи покро тараннум намуда, дунёи бою мураккаби маънавии инсони муосирро пеши назар вонамуд месозад. Ашъори лирикии шоирро мазмун-ҳои сиёсӣ, фалсафӣ, ахлоқию ишқӣ фаро гирифтаанд. Ғояи шоир тараннуми ишқи пок, ҳурмат намудани падару модар, пос доштани хотири ниёгон, нигаҳдошти сулҳ, ваҳдат, некиву накӯкорист.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ донишҷӯёни факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи донишгоҳ бо қироати порчаҳои шеърӣ аз ашъори шоир ва масъулини Хонаи маданияти донишгоҳ бо сурудани сурудҳо аз эҷодиёти адиб табъи иштирокчиёнро болида намуданд.

Дар охир, аз тарафи раёсати донишгоҳ ба барандаи Ҷоизаи адабии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҳақназар Ғоиб туҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид. Ҳамчунин Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб бо як ҷаҳон самимияти хос ба ташкилкунандагони маҳфил изҳори сипосу миннатдорӣ баён намуда, чанде аз асарҳои тозаэҷоди худро барои китобхонаи донишгоҳ ва меҳмонони гиромӣ тухфа намуд.

# ПРОБЛЕМАҲОИ АКТУАЛИИ ЗАБОНИ РУСӢ, МАСЪАЛАҲОИ САВОДНОКӢ ВА ОММАВИГАРДОНӢ ДАР МАКТАБҲОИ ОЛӢ

Баргузории конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони мазкур бо ташаббуси факултети филологияи рус санаи 27 октябр дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар доираи барномаи давлатии «Такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи 2030» ҳайати олимону донишмандонро аз муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар гиридि ҳам овард.

Дар ҷаласаи ифтитоҳи муовинони ректори Донишгоҳ, ҳайати профессорону устодони донишгоҳҳои мухталифи кишвар ва омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуданд.

Ҷаласаи ифтитоҳиро муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, дотсент Шарофат Худойдодова оғоз намуда, аз бузургтарин дастовардҳои давлату ҳукумати мамлакат, мардуми шарифи тоҷик ва махсусан донишгоҳ ёдоварӣ намуда, таъкид доштанд, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда дар пешбурди ҷомеа саҳмгузор бошем.

Сипас, Нозимов Абдулҳамид – доктори илми филологӣ, профессори филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотии технологии МИСИС дар шаҳри Душанбе дар мавзуи "Некоторые вопросы исследования фразеологии в современном языкознании: сравнительный аспект", Холиқова Зуҳро – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи русӣ-тоҷики (славянӣ) Тоҷикистон, дар мавзуи "Речевое поведение современной молодежи (на примере русского и таджикского языков)", Ҷабборов Абдулло, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара дар мавзуи "Изучение русского языка - веление времени проблемы и пути её решения условиях отсутствия языковой среды", Ғуломова Садбарг – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти хориҷии Донишгоҳи



давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Влияние персидско-таджикской литературы и Коранических реалий на русскую литературу" маърӯзаҳои худро ироа намуда, иброз доштанд, ки шавқу рағбати донишҷӯён бобати омӯзиши забонҳои хориҷӣ (англисӣ ва русӣ) нисбати солҳои пеш даҳҳо маротиба афзудааст.

Пас аз ҷамъбасти ҷаласаи ифтитоҳӣ кори конфронс дар ду бахш: "Забон ва адабиёти рус" ва "Методикаи таълими забон ва адабиёти рус" идома ёфт.

Маҷмуаи мақолаҳои илмии конфронс, ки аз ҷониби Раёсати донишгоҳ ба нашр расонида мешавад, зиёда аз 70 мақолаи олимону муҳаққиқонро бобати бахшҳои гуногуни омӯзиши забонҳои хориҷӣ, дар бар мегирад.

# ХУШХАБАР!



Санаи 28-уми октябр унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи матери-алҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Қаландарова Манзура Сайдасроровна рисолаи илмии худро дар мавзуи "Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз технологияи муосир", зери роҳбарии Ҳамид Маҷидов - арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, академики Академияи байналмиллалии мактабҳои олӣ, доктори илмҳои техникӣ, профессори ДБССТ, дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ бомуваффақият ҳимоя намуд.

Ҳайати профессорон ва омӯзгорону кормандони Донишгоҳ Қаландарова Манзура Сайдасроровнаро ба ин муносибат табрику муборакбод гуфта, дар корҳои эҷодии минбаъдааш бурдбориҳо таманно менамоянд.

# ПЕШДИФОИ РИСОЛАИ ИЛМӢ!

Санаи 26-уми октябр дар биноии маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокимаи рисолаи диссертатсионии ассистенти кафедраи методикаи таълимии забон-ҳои хориҷии факултети филологияи хориҷӣ Наимова Дилосо Давлятшоевна дар мавзуи "Асос-ҳои педагогии рушди фаъолияти амалии муоширати хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъахон Алимӣ) баргузор гардид.



Дар муҳокима Ҷумъахон Алимӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, Рафиев Сафархон, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, Муродов Баҳриддин декани факултет, Гуламатшоев Шокир, н.и.ф, Бобоева Маҳбуба, н.и.п. ва дигар омӯз-горон иштирок намуда, пешниҳоду тавсияҳои худро ироа карданд.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмӣ бо дарназардошти тавсияҳо анҷом-ёфта ҳисоб шуда, барои муҳокимаи давраи навбатӣ тавсия карда шуд.

## МАСЪАЛАҲОИ АКТУАЛИИ ИЛМИ РИЁЗӢ ВА МЕТОДҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ОНҲО

Зери ҳамин ном санаи 31.10.2023 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси факултети физика ва математика конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" баргузор гардид.

Пеш аз оғози конференсия дар даромадгоҳи бинои асосӣ намоиши асарҳои



Пешвои миллат ва дастовардҳои омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ ва факултет ба роҳ монда шуд.

Дар конференсия ректори донишгоҳ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовинонии ректор ва ҳайати профессорон, устодони донишгоҳҳои мухталифи кишвар, ҳамчунин омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуданд.

Қисмати пленарии конфронс бо сухани ифтитоҳии ректори донишгоҳ профессор, Раҳмон Дилшод Сафарбек оғоз ёфт. Устод зимни баромади худ иброз доштанд, ки ҳукумат барои таъмин намудани пешрафти соҳаҳои илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамоми имкониятҳо истифода карда, ба рушди илмҳои техникиву табиатшиносӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад ва доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад. Ин аст, ки барои омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» дар ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудааст. Боварии комил дорем, ки ин иқдом ба рушди тафаккури техникӣ ва тавсеаи ҷаҳонбинии илмии ҷомеа такони ҷиддӣ мебахшад.

Сипас, Саторов Абдурасул, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар мавзуи "Баъзе масъалаҳои иттилооткунии раванди таълими математика", Шомуродова Барқия, муаллими калони кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дар мавзуи "Инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои инкишофдиҳанда", Имомов Зафархон, муаллими калони кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб дар мавзуи "Тадқиқи квазигурӯҳҳо дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва мактаби илмии Табарӣ Абдулло Ҳабибулло", Назаров Аҳтам, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи "Методи сабукгардонии меҳнати омӯзгорони фанни информатика дар раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ оид ба ҷадвалҳои электронӣ" маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Дар бахши музокирот Саттор Ғаффоров, номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ баромад намуданд.

Пас аз ҷамъбасти ҷаласаи ифтитоҳӣ кори конфронс дар се бахш: "Масъалаҳои мубрами риёзӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо", "Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар инкишофи илми риёзӣ" ва "Таърих ва методикаи таълими фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ" идома ёфт.

Маҷмӯаи мақолаҳои илмии конфронс, ки аз ҷониби Раёсати донишгоҳ ба нашр расонида шуд, зиёда аз 55 мақолаи олимону муҳаққиқонро бобати бахшҳои гуногуни омӯзиши фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар бар мегирад.

## ИФТИТОҲИ СИНФХОНАИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ФАКУЛТЕТҲОИ ДОНИШГОҲ

Санаи 4 ноябри соли 2023 дар доираи Нақшаи чорабиниҳои донишгоҳ бахшида ба сазовор истиқбол гирифтани 29-умин солгарди Рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар факултет-ҳои молиявию иқтисодӣ, омӯзгорӣ ва фарҳанг синфхонаҳои компютерӣ ва имтиҳонотии тестӣ муҷаҳҳаз бо технологияҳои наву замонавии информатсионӣ бо аёният-ҳои дарсӣ ва



тахтаҳои электронӣ бо фароҳамсозии беш аз 40 ҷойи нишаст, ифтитоҳ ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Зимни ифтитоҳи синфхонаҳои мазкур бо иштироки ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовини раиси шаҳри Кӯлоб Орзу Ҳамидиён, ҳайати раёсат ва профессорону кормандони донишгоҳ иброз гардид, ки компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ дар шароити нави рушди бесобиқаи илму техника яке аз роҳҳои асосии модернизатсияи раванди таълим ба ҳисоб меравад. Дар назди ҳар як таълимгоҳ вазифа меистад, ки хатмкунандагонро бо маҷмӯи донишҳои универсалӣ, маҳорат, малакаи касбии ба сатҳи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мусаллаҳ намояд. Дар ин раванд баробари компютеркунонии системаи маориф талабот ба коркарди асосҳои методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ низ меафзояд. Ҳалли ин масъалаҳо ба нишондодҳои барномаҳои давлатӣ ва дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати баланд бардоштани сифати таълим иртиботи қавӣ дорад.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки тадбири мазкур барои дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи гузаштан ба ҳукумати электронӣ ва фароҳамсозии имконот ҷиҳати таълиму тадрис ва донишандӯзии насли наврас ҷавони кишвар роҳандозӣ гардидааст.

## ИФТИТОҲИ МАРКАЗИ ТАЪЛИМӢ-МАШВАРАТИИ «ДУРАХШОН» ДАР ДОНИШГОҲ



Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат фароҳамсозии имконот ҷиҳати таълиму тадрис ва соҳибкасбу бомаърифат гардидани нас-ли наврасу ҷавон ҳамчун омили калидии пешрафти ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Бо дарки ин масъала ҷиҳати дар амал татбиқнамоии сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 4 ноябри соли 2023 дар доираи Нақшаи чорабиниҳои донишгоҳ бахшида ба сазовор истиқбол гирифтани 29-умин солгарди Рӯзи қабули Конс-титутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази таълимӣ-машваратии "Дурахшон"-ро дар вазъияти тантанавӣ ифтитоҳ намуда, мавриди истифодабарӣ қарор дод.

Лаҳзаи ифтитоҳи марказ бо иштироки ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовини раиси шаҳри роҳбарияти донишгоҳ изҳори сипосу миннатдорӣ баён намуда, иброз доштанд, ки таъсиси чунин марказ дар тарҳи наву замонавӣ ва дарбаргирии имконот ҷиҳати таълиму тадрис дар шаҳр ягона буда, дар тарбияи насли наврасу ҷавон нақши муассир мегузорад.

**ДАР РОБИТА БА МАРКАЗ**

Маркази таълимӣ-машваратии "Дурахшон"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати хирадмандонаву маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати фароҳамсозии имконот барои таълиму тадрис ва донишандӯзиву соҳибмаърифат гардидани насли ҷавон таъсис ёфта, фаъолияти он дар асоси Низомномаи марказ мутобиқ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии





Кӯлоб Орзу Ҳамидиён, ҳайати раёсат ва профессорону кормандони донишгоҳ сурат гирифт. Зимни суханронӣ ба муносибати ифтитоҳи Маркази таълимӣ-машваратии «Дурахшон» ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек аз нақш ва аҳамияти Конститутсия дар таъмини волоияти қонун ва зиндагии шоистаи мардум ёдовар шуда, таъкид дошт: "Конститутсия маҳсули андешаи миллӣ ва арзишҳои бунёдии мардуми Тоҷикистон буда, бо шарофати андешаву ҳувияти миллӣ, таҳаммулгароӣ ва ҷасорату матонати сиёсии миллати дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ қабул гардид ва минбаъд барои устувор намудани пояҳои давлати мустақилу соҳибистиқлоли мо мусоидат намуд".

Дар зимн муовини раиси шаҳри Кӯлоб Ҳамидиён Орзу ба сухан баромада, ҷиҳати ҳамкориҳои судманд ба тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, "Оинномаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ ба роҳ монда мешавад.

Марказ чун сохторҳои таркибии Донишгоҳ, дар ҳайати Парки технологӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи тайёрии таҳсилоти умумии насли наврас ва ҷавон, тайёр намудани онҳо барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, баланд бардоштани сатҳи забондонии хоҳишмандон, пешниҳоди машваратҳои таълимӣ ва психологӣ ташкил гардида, хизматрасониҳои он дар асоси шартнома бо пардохти маблағи муайян аз ҷониби хоҳишмандон муқаррар гардидааст.

*Шукр гӯям, дар Ватан осуда мегирам нафас,*
*Ахтари иқбол аз нав гашта моро дастрас. С. Амирхон*

Анвори дониш
№8 (344), ЧОРШАНБЕ, 22.11.2023

# СИМОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР АСАРИ "МЕЪМОРИ ВАҲДАТ"

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузургтарин ташаббускор дар масъалаи сулҳу ваҳдати миллӣ буданд. Аввалин сухане, ки ин марди шариф дар иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ гуфта буданд, масъалаи ба Тоҷикистон баргардонидани гурезагони тоҷик буд. Он кас ваъда доданд, ки «То охирин тоҷикро ба Ватан бар нагардонам, ором нахоҳам буд!». Дар ҳақиқат роҳбари муаззами мо барои амалӣ намудани ин ормонҳои беназир ҷонбозиҳои зиёд намудаанд. Он кас ҷони худро ба хатар андохта, барои баргардон ва истиқрори сулҳу осоиштагии мардуми Тоҷикистон хизматҳои беназир намудаанд.

Рафтори шоистаи раҳбари муаззами милатамон Эмомалӣ Раҳмон намунаи ибрат натан-ҳо мардуми тоҷик, балки ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Барои арҷгузорӣ ба хизматҳои шоёни ин фарзона фарзанди миллати тоҷик аҳли зиё, аз ҷумлаи шоирону нависандагони номӣ, публитсистону рӯзноманигорони машҳур, олимону таърихшиносони шинохта асарҳои бадеӣ, публитсистӣ, илмӣ, ва таърихӣ эҷод намудаанд. Дар миёни ин зумраи таълифот, махсусан дар соҳаи жанри публитсистӣ барои муаррифии симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асарҳои арзишманд эҷод шудааст.

Яке аз адибони барҷаста ва публитсистони шинохтаи тоҷик, ки вобаста ба ин мавзуъ асар эҷод намудааст, публитсисти шинохтаи тоҷик Шодон Ҳаниф мебошад. Шодон Ҳаниф бо ҳаммуаллифии ходими сиёсиву ҷамъиятӣ Султони Мирзошоҳ китоберо дар жанри публитсистика бо номи "Меъмори Ваҳдат", ки соли 2004 дар нашриёти Сарпараст ба табъ расидааст, эҷод намудаанд. Дар ин қисса муаллифон симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Прэзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро барои хонанда мекушоянд. Ин қисса саропо ба воқеият такя карда, аз факту далел-ҳо иборат аст. Бояд гуфт, ки асари номбурда то андозае ба талаботҳои ҳам қисса ва ҳам очерк ҷавобгӯ мебошад.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ республикаҳои он вобаста ба талаботи сиёсӣ соҳибистиқлол шуданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин раванд дар канор намонд. Ҷумҳурии мо истиқлолият ба даст овард, рушду таҳаввули ҷомеа гарчӣ таъмин гардид, аммо дар ибтидои истиқлол мо натавонистем ба қадри ин неъмат расем ва гирифтори фоҷеа гардидем. Сарнавишти давлат ва давлатдории миллӣ зери хатар монд. Яке аз сабабҳояш надоштани Пешвои воқеии миллат буд. Хушбахтона, дар ибтидои ин даргириҳои сиёсӣ ва фоҷеа миллат чунин шахсияти сиёсӣ дар симои фарзанди баруманди миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон зуҳур кард ва пеши хатари шикасти давлатдории миллиро гирифт. Маҳз ҳамин шахс тавонист, ки дар як мудати кутоҳи таърихӣ давлату миллатро аз нобудшавӣ начот диҳад ва сулҳу Ваҳдати миллиро пойдору устувор созад, оташи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш созад. Новобаста аз ҷавонӣ ин шахсият тавонист пеши роҳи шикасти давлату парокандагии миллат ва порашавии онро гирад. Қиссаи "Меъмори Ваҳдат" бевосита ба гуфта ва такидҳои боло дахл дорад.

Вақте қиссаи "Меъмори Ваҳдат"-ро менигарем, мушоҳида менамоеам, ки муаллифон тавонистаанд образи мондагори Пешвои миллатро офаранд. Хидматҳои таърихии ин шахсият дар



таъмини Ваҳдати миллӣ, эҳёи давлатдорӣ ва рушди тамоми самтҳои ҳайёти ҷомеа дар асари мазкур беназир ба қалам дода шудааст. Ин асар барои муаррифии шахсияти Сарвари давлат ҳамчун як сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ хизмат намудааст.

Китоби "Меъмори Ваҳдат" аз 13 фасл иборат аст. Дар ин асар мо пайванди мантиқии воқеият ва бадеъиятро хеле хуб дарк мекунем. Ҳар як боб ба як мавзуъ, ба як ҷанбаи таърихии фаъолияти сарвари давлат бахшида шудааст. Фаслҳои «Ҷони оча», «Себи тиллоӣ», «Ҷасорат», «Лаззати зардолуҳои Ишкошим», «Паёми Хосдеҳ», «Сӯиқасд» ва ғайра хонандаро ба як дунёи рангини хаёлот мебаранд. Масалан, дар пиндори мардуми мо себи тиллоӣ насиби касе мегардад, ки ӯ инсони комил аст ва ӯро ба пирӯзӣ ва хушбахтӣ мерасонад. Чунин андешаҳо дар осори бадеию хатии мардум фаровон истифода гардидааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки дар симои шахси насибаш себи тиллоӣ гашта раҳбари Муаззами милатамонро нишон диҳанд. Аз ҷумла, дар бахши "Себи тиллоӣ" муаллифон бо шеваи баён ҳунари эҷод тасвири ҷузъиёти зиндагиномаи симои қаҳрамон, доираи фаъолият кордониву хираdмандӣ, хушёрии сиёсиву худогоҳӣ, ҷасорату нотарсӣ, истеъдоду камолоти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба як усули шево пешкаш карданд.

Вақте ки муаллифон мегӯянд, "Пешвои миллат будан кори саҳл нест", воқеияти сиёсӣ дорад. Маҳз фаъолияти пайваставу доимии сарвари давлатамон гувоҳи гуфтаҳои боло мебошанд. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки симо ва иродаи қавии Роҳбари муаззами миллатамонро ба риштаи тасвир кашанд. Ин образи дар асар омада комилан мантиқист ва воқеиятро фаро мегирад. Масалан, дар хусуси ҷасорати Ҷаноби олӣ дар очерк чунин омадааст:

"Тайёра дар тули роҳи ҳавоӣ гоҳ аз паҳлуи кӯҳҳои сиёҳфом ва гоҳҳо андаруни абрҳои қандбарин сафед гузашта парвоз мекард, вай дар интиҳои роҳи парвози худ дар қариби шаҳри Хоруғ аз тангие, ки гӯё табиат онро ҳамчун дарвозаи сарзамини Помир устувор кардааст, бо сад эҳтиёт гузашта, ба майдони ҳавоии соҳили Панҷи ноором фуруд омад". Дар ин тасвир муаллифон дар интихобу тафсири ҷузъиёт рамзу маъноҳои маҷозӣ ва робитаи онҳо дар таҷҷалии мақсаду пиндори қаҳрамони маркази маҳорат зоҳир намуда, ба инъикоси бадеии андешаҳои хеш муваффақ гардидаанд: тайёра, роҳи ҳавоӣ, кӯҳҳои сиёҳфом, абрҳои сафед тангии роҳ, эҳтиёткорӣ, майдони ҳавоӣ, Панҷи ноором ва ғайра тозакории мушоҳидакории муаллифон дар ин фасл аз иқдоми сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон чунин пешниҳод мегардад: "ба минтақае нияти рафтан дошт, ки дар тамоми даврони давлати Шӯравӣ касе аз роҳбарони олимақоми ҷумҳури пой бар он ҷо нагузошта буданд".

Сӯҳбат бо роҳбари давлат барои мардумони меҳнаткарин қуввaю неруи тоза мебахшид ва умед ба ояндаи мамлакатро қавӣ менамояд. Ҳамчунин, сарвари давлат аз тарзи қабули мардум хеле хурсанд буд. Ин сафар умеди раҳбари давлатро ба ояндаи дурахшони Тоҷикистон садчанд намуд, он кас боварӣ ҳосил намуданд, ки мардуми тоҷик ба ваҳдату якпорчагӣ ва ғалабаҳои нав ба нави меҳнатӣ мерасад.

Дар фасли "Боғи зоғон" хонанда ба шахсияти сиёсиву таърихии миллат Эмомалӣ Раҳмон шинос гардида, фурӯтанӣ, хоксорӣ ва самимияти ӯро эҳсос мекунад. Тасвири муносибати самимонаи сарвари давлат ба мардумони одии деҳот аз ташаккул ва таҳаввули камолоти маънавии Роҳбари муаззами миллат ҳамчун абармарди арсаи сиёсӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар ин фасл хонанда хеле хуб пай мебарад, ки ба сулҳу ифоқа овардани мардуми минтақаҳои кишвар кори осон нест ва касоне ки ин корро карда метавонанд, ки аз ҷони худ гузашта барои сарнавишти давлату миллат масъулият эҳсос мекунанд. Маҳз ҳамин ҷонфидоист, ки мардум аз сарвари давлат ҳамчун як шахсияти фавқулода ном мебаранд ва барҳақ ӯро ҳамчун меъмори сулҳу ваҳдат мешуморанд ва эътироф менамоянд.

Иқтибосҳое, ки ба мавзуи баҳогузорӣ ба фаъолияти сиёсии сарвари давлат дахл доранд, хонандаро мутмаин месозад, ки Президенти Тоҷикистон ҳамчун як сиёсатмадори сатҳи байналмилалӣ, ҳамчун муаллифи формулаи сулҳофарӣ эътироф гардидааст. Дар асар инчунин, аъмолу ниятҳои бади ашхоси нотавонбину худхоҳ, мансабпарасту ҷудоиандоз ба қалам дода шудааст. Ин гуна ашхос кӯшиш менамоянд, ки ба ҳар роҳ ба мақсадҳои нопоки худ расанд. Бо тасвиру баёни ин ҳолатҳо муаллифон ба хонанда ҳушдор медиҳанд, ки чӣ гуна сарвари давлат таво-нистааст, аз ин ҳама роҳи пурпечу тоб ва имтиҳони ҷаҳони муосир берун ояд.

Дар фасли «Сӯиқасд» дар хусуси ҷасорату ҷонбозиҳои Президенти азизамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба вижа ҷасорату матонат, инчунин истодагарии он кас сухан меравад. Бо тасвири ҳолати сӯиқасд ба ҷони Президент муаллифон гуфтан мехоҳанд, ки ҳеҷ гоҳ душманон ба ин ниятҳои нопоки худ намерасанд. Зеро халқ бо Президент ҳасту Президент бо халқ.

Дар қиссаи минбаъда ҷузъиёти тасвир лаҳзаҳои лирикӣ ва манзаранигориҳо хеле ҷолибу дилкашанд. Дар боби аввали асар, ки "Ҷони оча" ном дорад роҳи сиёсии Сарвари давлат бо дуои Модар оғоз меёбад ва ин дуо барои бақои халқу миллат ва давлату Истиқлолият низ дуои муқаддас аст.

Аҳамияти дигари қиссаи "Меъмори Ваҳдат" дар он аст, ки барои наслҳои имрӯзу фардои миллат ҳамчун роҳи раҳоӣ аз бӯҳрон нақши чеҳраи сиёсӣ дар ғановати маънавию хиради сиёсии ин шахсияти фавқулода басо воқеӣ тасвир ёфтааст.

Дар асар истифода шудани хотира, мушоҳида, санаду далел, ҳуҷҷатҳо, асноди расмӣ ва воқеӣ ҳамчун манбаи боэътимоди таърихӣ барои омӯзиши як давраи сарнавиштсози миллат бисёр муҳим аст.



*Алишери АБДУЛМАҶИД, мудири кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

# ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ -ТАҶАССУМГАРИ РАМЗИ ЯГОНАГИИ ДАВЛАТ ВА МИЛЛАТ

Парчами миллӣ яке аз рамзҳои давлатдорист, ки аз ҷиҳати маъно ва тарзу тартиби истифодабарӣ ба худ хос аст. Ин рамзи муқаддаси давлатдорӣ дар таъриху тамаддуни миллати куҳанбунёди тоҷик мақоми арзандаро доро буда, як ҷузъи муҳимми таъриху фарҳанги миллати тамаддунсози тоҷик ба шумор рафта, ҳамчун ливои озодӣ ҳанӯз то ҳуҷуми арабҳо ва густариши ислом дар байни аҷдодони тоҷикон маълуму машҳур буд.

Муқаддас будани парчам дар он зоҳир мегардад, ки инсоният онро ҳамчун ливои озодӣ барои амалӣ намудани максаду ормон-ҳои худ дар ҳар давру замон барои мубориза баҳри ҳаёти осоишта, баробарию баробарҳуқуқӣ ва таъмини адолат баланд мебардошт.

Дар таърихи халқи тоҷик афрохтани парчам ҳамчун рамзи барҳам задани пояи ҷабру бедодӣ, натиҷаи талошу мубориза баҳри ба даст овардани озодиву истиқлол ва нишонаи қудрату тавоноӣ баҳогузорӣ мешавад. Дар даврони Шӯравӣ парчами Тоҷикистон ифодагари мазмуну моҳияти кишвар дар ҳайати ИҶШС буд. Вале раванди ташаккулёбии истиқлолияти давлатӣ бо мувофиқат накардани парчами қаблии кишвар бо моҳияту мазмуни Тоҷикистони муосир замина гузошт. Бо дарки ин воқеият Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 июни соли 1991 "Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қарор қабул кард ва комиссияи махсус оид ба таҳияи рамзҳои давлатӣ ташкил карда шуду озмуни ҷум-хуриявӣ барои омода кардани рамзҳои давлатӣ эълон гардид. Комиссия ба кори худ аз интихоби лоиҳаи парчам ва нишони давлатие, ки аз ҷониби Ҳабибуллаев З., Заневский А., Додхудоева Л., Игнатушина Н. ва Сайдалиев М. пешниход шуда буд, нукта гузошт. Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ҷамъбасти озмун дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Тасдиқи "Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 1992 ба вуқӯъ омад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 Парчамро ҳамчун рамзи давлатӣ ва рукни асосии муқаддасоти миллӣ пазируфт ва онро дар боби аввал "Асосҳои сохтори конститутсионии кишвар" ҷой дод. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" моҳият ва истифодаи расмии Парчами давлатиро ҳамчун рамзи давлати мустақилу соҳибихтиёри Тоҷикистон муайян менамояд. Тибқи қонуни мазкур тартиби афрохтан (моддаи 5), ҷойгиркунии тасвири Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 6) ва ҷавобгариро барои таҳқири Парчам (моддаи 11) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намуд, ки ҳуқуқи тасдиқи Парчами давлатиро ба зиммаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби тайёр кардан, андоза ва истифодабарии Парчамро ба ваколати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштааст.

Парчам дар таърихи ҳар як хал-қу давлат мояи ифтихору ғурур буда, баҳри ҳимояи марзу бум, номусу озодӣ, забону фарҳанг ва ватану миллат дар як саф қарор доштани фарзандони баору номуси кишварро ифода месозад.

Бо ташаббуси Асосгузори сул-ҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади арҷ гузоштан ба ин рамзи муқаддасу ойини давлатдорӣ аз соли 2009 24 ноябр ҳамчун Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мешавад. Ин иқдоми наҷибу нек идомаи сиёсати созандагиву бунёдкоронаи Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон буда, аз ҳар як сокини кишвар ҳисси баланди ватандӯстӣ ва дарки масъулиятро тақозо намуда, насли ҷавони имрӯзаро дар руҳияи баланди хештаншиносиву меҳанпарастӣ ва арҷгузорӣ ба суннатҳои волои давлату давлатдорӣ ва эҳтирому қадршиносӣ ба рамз-ҳои давлатӣ тарбия менамояд.

Дар ин баробар бунёд гардидани манораи бузурги Парчами давлатӣ дар баландии 165 метр бо паҳноии 30 метр ва бо дарозии 60 метр дар яке аз мавзеъҳои зеботарини пойтахти кишвар ва номгузории мавзеи ҷойгиршавии он "Майдони парчам", инчунин шомил гардидани он дар китоби рекордҳои Гинес ҳисси ифтихору садоқатро дар қалби хурду бузурги кишвар афзун намуд.

Ҷанбаи байналхалқӣ-ҳуқуқии парчами давлатӣ дар муайян кардани доираи татбиқи юрисдиксия ва муқаррар кардани фазои давлатӣ ифода мегардад. Тибқи қонунгузории ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон шахс агар дар киштии обӣ ё ҳавопаймое, ки тахти Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар обҳои кушод ё фазои ҳавоӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракаткунанда ҷиноят содир намояд, мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 3, моддаи 14) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Агар шахс дар киштии ҳарбии обӣ ё ҳавопаймои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намояд, новобаста аз маҳалли содиршавии ҷиноят, шахс тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Парафшонии Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешгоҳи биноӣ Созмони Милали Муттаҳид ва биноҳои созмонҳои байналхалқии универсалию минтақавӣ ифодагари эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комил-ҳуқуқи онҳо мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки солҳои охир бо роҳбарии бевоситаи хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марказҳои ҳар як шаҳру ноҳияҳои кишварамон анъанаи бунёд ва ба истифода додани манораҳои парчами давлатӣ оғоз шудааст, ки ин аз як тараф ифодагари эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти миллӣ бошад, аз тарафи дигар он метавонад дар руҳияи меҳанпарастӣ ва инкишофи ғурури миллии шаҳрвандон нақши беназир гузорад.

Ҳамин тариқ, парчам нишонаи муҳиму арзишманди фарҳанги ҳар як миллат, роҳи таърихии тайкардаи он ва ифодакунандаи истиқлолияти давлатӣ буда, ҳар як фардро ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ даъват менамояд. Зеро парчами давлатӣ таҷассумгари мазмуну моҳияти давлат, таъриху фарҳанги халқ, арзишҳои миллию ҷуғрофии кишвар мебошад.



*Бахтиёр Назаров-сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

# ИҶЛОСИЯИ XVI ШУРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗУ НАҶОТБАХШИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити барои миллати тоҷик ва тоҷикистониён ниҳоят ҳассосу мушкил ба вуҷуд омада буд, дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд оғоз гардид ва, хушбахтона, дар ҳамин санаи таърихӣ, ки 16-уми ноябри соли 1992 Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби вакилон ба ҳайси раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд ва яке аз корҳои аввалине, ки баҳри таҳкими пояҳои давлати соҳибистиқлол анҷом додани он зарур шуморида шуд, ворид намудани тағйиру илова ба Конститутсияи кишвар буд, ки дар ҷараёни он иҷлосия қабул карда шуд.



Маврид ба зикр аст, ки иҷлосияи мазкур аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 идома ёфта дар рӯзномаи он 23 масъала мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар иҷлосия 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот қабул шуданд, ки минбаъд онҳо дар ба низом даровардани вазъи сиёсиву ҳуқуқии кишвар, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ саҳми арзишманд гузоштанд. Ин иҷлосия заминаҳои мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои расидан ба сулҳу субот ва ба вуқӯъ пайвастани дигаргунӣ ва пешравиҳои азимро дар ҷомеаи Тоҷикистон фароҳам овард. Санадҳои меъёрии қабулшуда минбаъд барои мустаҳкам намудани асосҳои сохтори конститутсионии кишвар, таъмини волоияти қонун ва таҳкими қонуният, гирифтани пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ, таҳкими муносибатҳои хориҷӣ, фаъолияти мунназами мақомоти давлат, аз он ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, заминаи боэътимод гузоштанд ва соли 1994 бо қабули аввалин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол, тариқи раъйдиҳии умумихалқӣ ва муқаррар гардидани шакли Президентии идораи давлат, Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуданд.

Мо халқи тоҷик ва Тоҷикистониён зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи мураккаби сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ, авзои кунунии минтақа, таъсири паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулотҳои босуръат тағйирёбандаи замони муосир беш аз ҳар вақти дигар атрофи сиёсати созандаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гашта, ҷиҳати ҳифз ва нигаҳдошти арзишҳои истиқлоли давлатӣ, дастовардҳои Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷлили сазовори бузургтарин ҷашни миллӣ - 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок фаъолият намоем.

Ва ҳамчунин 16 ноябр мардуми шарифи Тоҷикистон, яъне мову шумо имсол 31- солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷашн мегирем. Ин яке аз санаҳои бузургест, ки дар таърихи Тоҷикон ва Тоҷикистониён нақши барҷаста дошта, он ҳамчун иҷлосияи тақдирсозу наҷотбахши миллати тоҷик шинохта шудааст.

Ҳамватанони азиз ҳамаи шумоёнро бо фарорасии ин санаи таърихи табрику муборакбод мегӯям.

*Самандаров Фаридун, ассистенти кафедраи ҳуқуқшиносии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Билети донишҷӯие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ Шоғиёсов Сиёвуш (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

ХХХХ

Дипломи ШВ №681231 таҳти №118 аз июни соли 2000, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба хатмкунанда Каримова Мунира Халиловна додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

ХХХХ

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултети филологияи хориҷӣ Сулҳияи Анварзода (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

ХХХХ

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултети физика ва математика Қаландаров Маҳмадсафар (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

ХХХХ

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2022 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 2-юми факултети иқтисод ва идора Қамарзода Сайёҳат Маҳсубӣ (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

*Эй ҳамдилу қавми ҳамзабон, як бишавед!*
*Бо номи бузургии Каён як бишавед! Ҳ. Ғоиб*





"Парчами миллӣ-яке аз рамзҳои муҳими Истиқлолияти миллӣ ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад".



# СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки моҳи ноябри солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффқият пайваста амалӣ гардад.*

1. РАҲМАТОВ УМЕД, 01.11.1983, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
2. СИРОҶИДДИНИ ДАВЛАТАЛӢ, 01.11.1991, мудири кафедраи математика ва методикаи таълими он;
3. МУРОДОВ АМИРАЛӢ, 02.11.1953, саромӯзгори кафедраи таҳсилоти томактабӣ;
4. ОДИНАЕВА СИТОРА, 03.11.1984, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
5. ИСМОИЛОВА МУБОРАК, 04.11.1963, ассистенти кафедраи химия ва биология;
6. ПИРАКОВА НАСИБА, 05.11.1988, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;
7. САЙДАЛИЕВ АБДУЛАЗИЗ, 05.11.1948, саромӯзгори кафедраи физика математика таълими он ва технологияи материалҳо;
8. ШЕРОВА ИДИГУЛ, 05.11.1972, лаборанти кафедраи география ва сайёҳӣ;
9. РАҲИМОВА САВРОНБӢ, 08.11.1945, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои муосири рус;
10. РАҲИМОВА САРВИНОЗ, 09.11.1992, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;
11. УСМОНЗОДА СОРБОН, 09.11.1994, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ;
12. ҚУРБОНАЛИИ САИД, 11.11.1992, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва матодикаи таълими он;
13. НАЗАРОВА РУХШОНА, 12.11.1981, ассистенти кафедраи забони русӣ;
14. ҚУРБОНОВ НЕКРӮЗ, 13.11.1992, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора;
15. АМИРОВ ФАЙЗУЛЛОХУҶА, 13.11.1965, сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус;
16. ШАМШОДИ ҶАМШЕД, 14.11.1993, ҷонишини декан оид ба таълими факултети филологияи тоҷик ва журналистика;
17. РАФИЕВ САФАРХОН, 14.11.1983, номзади илмҳои педагогӣ, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия;
18. АРБОБОВ ҶАМОЛИДДИН, 15.11.1960, посбон;
19. САФАРОВ ХОЛМАД, 16.11.1960, саромӯзгори кафедраи таърихи халқи тоҷик;
20. НУРМАТОВ НЕЪМАТУЛЛО, 17.11.1989 ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
21. ДАВЛАҲМАДОВА ОБИДАМО, 18.11.1976, фаррош;
22. АБДУЛЛОЕВА РАФОАТ, 20.11.1991, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ
23. МИРЗОЕВА БУНАФША, 22.11.1974, дотсенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ;
24. РАСУЛОВА ЛУТФИЯ, 22.11.1988, номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултаи иқтисод ва идора;
25. САЙДАМИРОВА МУҚАДДАС, 22.11.1955, саромӯзгори кафедраи забонҳои хориҷӣ;
26. АБДУЛЛОЕВ НАСРУЛЛО, 24.11.1986, номзади илмҳои сиёсӣ, мудири кафедраи фалсафа;
27. ЛУҚМОНОВА НИГИНА, 24.11.1961, фаррош;
28. РАҲМАТОВА РАЙҲОНГУЛ, 25.11.1970, ассистенти кафедраи физика, матодикаи таълим ва технологияи материалҳо;
29. ҲУСЕЙНЗОДА АМИНҶОН, 26.11.1986, декани факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ;
30. ГУЛОВ САТТОР, 28.11.1962, муҳосиби шуъбаи ҳисоб;
31. ВАТАНОВА ГУЛ, 30.11.1969, фаррош;
32. ҲАСАНОВ МАҲМАДСАИД 30.11.1989, асистенти кафедраи фалсафа.

АНВОРИ ДОНИШ

**МУАССИС:**
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО, доктори илмҳои фалсафа, профессор

АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ҒУЛОМОВ ИСЛОМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД, доктори илмҳои таърих, профессор

МИРЗОЕВ САЛИМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

РАФИЕВ САФАРХОН, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

САФАРЗОДА МУНИР, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

ЗУЛФИЕВ ГАДОМАД, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**САРМУҲАРРИР:**
МУҲАММАДҶОНИ АБДУВОҲИД

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома махсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" ба табъ расидааст. Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Мавод бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

**НИШОНӢ:**
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15, мобилӣ: 988-12-32-34; 555-57-59-63